**ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**

**БА НОМИ АКАДЕМИК Б.ҒАФУРОВ**

**Кафедраи адабиёти классикии тоҷик**

# ВАРАҚИ ИНТИХОБ

## ГУЛЧИНИ ҒАЗАЛИЁТИ ШАЙДОИ ХУҶАНДӢ

**Нашриёти «Ношир»**

**Х у ҷ а н д - 2008**

**Шӯрои табъу нашри ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ба чоп тавсия кардааст**

**Бо эҳтимом ва кӯшиши Мавлуда Неъматова**

## *ДАР БОҒИ БУЛБУЛИ ШАЙДО*

***Шайдо  талоши ин ғазали пок мекунад,***

***Доманшикаста аст вараќи интихоби мо.***

Гоҳо чунин ба назар мерасад, ки чун аз  ҳунари шоирӣ дар Хуҷанди бостон сухан мекунем, аз Хоҷа Камоли Хуҷандӣ, ки суханвари беназиру беҳамтост, фаротар намеравем. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки суханварони дигари ин шаҳри адабиву фарҳангиро дар ҳамаи асрҳои сипаришуда камтар омӯхтаему камтар осорашонро ба қалами таҳқиқ кашидаем ва камтар интишор намудаем. Боиси хурсандист, ки тавассути китоби устоди гаронқадри мо профессор Абдулманнони Насриддин «Донишмандон ва сухансароёни Хуҷанд» имкон фароҳам омад ном ва ашъори теъдоди бузурги сухансароёни хуҷандӣ дар таърихи асримиёнагии мо пешорӯи хонандаи имрӯза қарор гирад ва саҳифаҳои маҳфузи адабиёт бармало гардад. Шайдои Хуҷандӣ бо намунаи ашъораш низ бори нахуст дар сатҳи илмӣ тавассути китоби номбаршуда муаррифӣ гардид ва мақолаи пурмӯҳтавои устод Абдулманнони Насриддин «Нигоҳе ба шеъри диловези Шайдои Хуҷандӣ» ин шоири нозукхаёлро бо хонандагони ҳушманду шеършинос ошно кард.

Шайдои Хуҷандӣ, ки рӯзгораш дар садади нимаи дуввуми асри ХУП ва аввали асри ХУШ сурат гирифтааст, бо ашъори нобу дилангез, баландмазмуну пурмӯҳтавояш дар таърихи  адабиёти мо мақому манзалати хосе пайдо кардааст. Шайдои Хуҷандиро аз пайравони Баҳоуддини Нақшбанд ва  пешвоёни ин сулук дар аҳди худаш медонанд. Дар сурудани ғазал Ҳофизи Лисонулғайб, Қосими Анвор ва Толиби Омулиро пайравӣ кардааст. Чунончи ҷое мефармояд:

То Ҳофизи Шероз ба комам намаке рехт,  
Шайдуллаҳ, аз он лаззати гуфтор баланд аст.

*        *        *

Шайдо чӣ кунам, тарзи ғазал бастанам ин аст,  
То кори ман аз Қосими Анвор баромад.

Девони Шайдои Хуҷандӣ, ки аз ғазалу мухаммас ва рубоӣ иборат аст, бештар аз панҷ ҳазор байтро ташкил медиҳад. Ашъори ин шоири тавоно ба таври худ нотакрору салис аст ва аз ирфон об хӯрдааст.

Чун шеъри Шайдоро кас ба эҳсоси баланди қалбу хоҳиши ҷон қироат кунад, аз салосату назокати ифодаи сухан, маъниҳои ғарибу нотакрор, мусиқавият, мазмунҳои баланди шоирона бардошти аҷибе мекунад. Шеъри Шайдо муассир ва ҷонгудоз аст:

Сурма чандин мекунӣ чашми сиёҳи хешро,
Мекунӣ бо мо сияҳ ҷонон нигоҳи хешро.
Ҳалқаи он зулф чун бар орази ҷонон задаст,
Хирмани гул кард авфъӣ хобгоҳи хешро….
Остони фақр Шайдо бар баланд афтодааст,
Метавон бар мулки Ҷам бигзид оҳи хешро.

Аз паи сатрҳои шеъри Шайдо хонандаи ҳушманд чеҳраи ӯро мебинад. Инсони фақеҳу боиродат, боимону боиффат ва бархурдор аз маи ноби лоязолӣ ва пеши ӯ надоштани арзише ин дунёи фонӣ:

Аз ҳалол омода кун дар суфра нони хешро,
Чун фалак пурнур кун аз қурс хони хешро.
Ҷуз ҳадиси ишқ ҳарфе бар забон ҷорӣ макун,
В-арна рӯзи ҳашр мехоӣ забони хешро.
Новаки оҳи саҳаргоҳӣ ниҳон дар тавба кун,
Чун футӯҳ манмой бо мардум камони хешро.

Шайдои Хуҷандӣ ҳақиқати зиндагиро он қадар содаву беғулувв, бо забони фасеҳу муассир баён мекунад. Аносири маънавии шеър бо унсури шаклии он ин қадар тавъам шуда, ки хонанда андеша мекунад, ки ин маъниро метавон танҳо ҳамин тур ифода кард. Шоир аз вазъи ҳоли як қарни пеш ҳарф мезаанд, вале он мутобиқ ба ҳоли зиндагии имрӯз аст:

Аз миёни мардумон ёди Худо ҳам рафтааст,
Гиряву зориву тасбеҳу дуо ҳам рафтааст.
Тинати софӣ намебинам дар абнои ҷаҳон,
Аз дили оинаҳо нуру сафо ҳам рафтааст.

Шиквае доранд абнои ҷаҳон аз якдигар

Аз миёни мардумон меҳру вафо ҳам рафтааст.

Ағниё дарюза аз хони гадоён мекунанд,

Аз каримони ҷаҳон ҷуду ато ҳам рафтааст.

Шайдо дар ашъораш ҳам шукр дорад, ҳам шиква, ҳам ситоиш дорад, ҳам мазаммат ҳам шодӣ дорад, ҳам ғам. Вале ин ҳама бардоштҳои ӯ фардӣ нестанд махсусан ғами ӯ, шикваву надомат аз замона баёни нобасомониҳои рӯзгор ба кулли ҳамзамононаш марбут аст. Вақте ӯ мегӯяд:

Ҳайф мо авқоти худро сарфи ботил мекунем,

Оби софи ҷӯи умри хешро гил мекунем.

Омадурафти  нафас мавҷест дар мавҷи ҳаёт,

Бехабар аз хеш мо қатъи манозил мекунем.

Куштаи ишқем, Шайдо,  хунбаҳо хоҳем ҷуст,

Рӯзи маҳшар даст бар домони қотил мекунем.

ин ишорат ба аҳли замонаи ӯст, ки зиндагии хешро бар ҳадар мегузаронанд. Ё ҷои дигар вақте:

Чӣ созам шиква аз нокомии худ дар ҷаҳон, Шайдо

Шакар андар даҳонам талх чун тарёк мегардад.

мегӯяд   низ ишорат ба носозиҳои замон аст.

Вале гузашта аз мавзӯъ хонандаро дар шеъри Шайдои Хуҷандӣ мазмунороиву маъниофарӣ ва ба қавли Абдулманнони Насриддин «миногарӣ ва суварнигории» шоир ба худ ҷалб мекунад.

Ҳарчанд шеъри ӯро муассир аз шеъри Ҳофизу Толиби Омулӣ, Қосими Анвору Бобораҳими Машраб медонанд, вале назари хоса, бозёфтҳои инфиродии Шайдо, сабки хосаи шоирро ба вуҷуд овардааст:

Ба шоми бекасӣ ҳоли ман аз шафақ мапурс,

Ба хун нишаста, доғи фироқи хуршедам.

*        *        *

Чун субҳ кашидем ба меҳри ту нафасро,

Кардем ба худ чок гиребони қафасро.

Берун нашуд аз шашдари ғам мӯҳраи толеъ,

Чун шоҳ ба ҳар рӯй, ки ронем фарасро.
Чун булбули шӯридаи гулзори муҳаббат,
Бо нолаву фарёд шикастем қафасро.

Ирфон ва ахлоқи Шайдо хоса аст. Завқи баланди шоир ва машраби орифонаи ӯ имкон фароҳам овардааст, шеъри ирфониву ахлоқии Шайдо соддаву дилчасп, бо авзони дилнишин, мусиқивияти гӯшнавоз ба қалам ояд.

Дида дар ҳасрати дидори ту хуш гирён аст,
Абр то бар сари ин қибла бувад, борон аст.
Бандае аз дари лутфи ту нагардад навмед
Боз хони карамат баҳри гунаҳкорон аст.
Ташнаи қатраи абри карамат шоҳу гадо,
Ҳар садаф менигарӣ, ташналаби найсон аст.
Хоки Одам, ки сириштанд ғараз аз ту бувад,
Ҳар ки бебаҳраи ишқи ту бувад, ҳайвон аст.

Ба суханвари ҳар давр аз чашмандози баҳодиҳии замони худи шоир бояд баҳогузорӣ кард. Аз ин равзана агар бубинем, Шайдои Хуҷандӣ аз зумраи шоирони тирози аввали садаи ХУШ марбут мешавад. Гулистони шеъри Шайдоро гулу ёсуман, лолаву райҳони маънӣ атрогин кардааст. Мо аз ин гулистон сад барги ғазалро барчидем, ки аз ду нусхаи девони Шайдои Хуҷандӣ, яке нусхаи Институти осори хатии Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи 1347 ва дигаре нусха аз китобхонаи шахсии Саидумари Султон. таҳти рақамаи 37 интихоб шудааст.

Дар таҳияи ин китоб дастуру маслиҳати устоди гаронқадр доктори илмҳои суханшиносӣ Абдулманнони Насриддин сармашқи кори банда буд, ки аз илтифоти устод сипосгузорӣ менамоям. Ҳамчунин аз бародарони ҳамкор устодони кафедраи адабиёти классикии тоҷик. Саидумрон Саидов ва Шарифҷон Тоҷибоев, ки дар бозхонии маҷмӯа заҳмат кашиданд, ташаккур мегӯям.

Ҳамин тариқ, бо ихлосу муҳаббати беандоза пешорӯи Шумо, хонандаи нуктасанҷ, онро вомегузорем ва бовар дорем, ки аз боғистони булбули Шайдо баҳраёб хоҳед шуд.

**Мавлуда Неъматова**

1

То баҳри дил аз зикри Ту пурдурри Аданҳо,

Мамлу  шуда аз гавҳари номи Ту даҳанҳо.

Аз шаҳди саноят дилу ҷон карда ҳаловат
В-аз найшакари шукри Ту пур чоҳи заҳанҳо.
То аз чаҳи дил Юсуфи ҳамди Ту барорем,
Дорем зи тоби ғами Ту далви расанҳо.
Як бор фикандӣ назари лутфи иноят,
Дар кашмакаши дай баҳоранд чаманҳо.
Аз хоки шаҳидони Ту ҳар лола, ки рӯяд
Як барг нишон буд зи сурхии кафанҳо.
З-ин бодия, Шайдо, бигузаштем чу сарсар
Овораи шавқем, чӣ созем ватанҳо.

2

Ё Раб, ба фазли хеш раҳе сӯи Худ намо,
Рафтан ба сӯи Ту натавонем аз аъмо.
Ё Раб, кушоиши ҳама дарбастагон зи туст,
Қуфле, ки бастаанд ба дилҳои мо, кушо.
Аз пофитодагони биёбони ҳасратем,
Эй дастгир, қуввати роҳи карам намо.
Лутфи ту раҳнамоии саргаштагон кунад,
Мо чун равем роҳи Ту чун кӯри беасо.
Ё Раб, магир ҷурми ҷавонон ба қаҳри хеш,
Бахшой аз кароматӣ пирони босафо.
Мӯи сиёҳ ба роҳи гунаҳ кардаем сафед,
Раҳме намо ба ҳаққи ҷавонони порсо.
Рӯзу шабон ба ҳасрати ту нола мекунад,
Шайдои дилфигори гунаҳкори пурхато.

3

Ба ҷӯш омад шароби ишқ дар майхонаи дилҳо,
«Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо».
Сулуки ишқ агар хоҳӣ, биё, саҷҷода рангин кун,
Ба дурди бодае моро, ки созад ҳалли мушкилҳо.
Фурӯғи бодаи шавқат ба шӯр овард ҷонҳоро,

Ки чун парвона дар рақсанд гирди шамъи маҳфилҳо.
Ба як паймона май риндон чунон аз хештан рафтанд,
Ба ранги ҷилваи барқе намудан қатъи манзилҳо.
Сабукрӯҳон вуҷуди худ зи гирдоби хатар бурданд,
Гаронҷонон фурӯ монданд бар атрофи соҳилҳо.
Дар ин баҳр аз табоҳӣ кас иморат аз куҷо ёбад,
Ниҳон дар зери ҳар мавҷ аст сад гирдоби соҳилҳо.
Зи мири корвон овози табли кӯч меояд,
«Ҷарас фарёд медорад, ки барбандед маҳмилҳо».
Шабе маҳмил равону аз ҷарас ин нолае омад,
Гузашт умри азиз, эй корвони хуфтаҷоҳилҳо.
Дило, дар мазраи гетӣ чӣ киштӣ тухми уммеде,
Ки рӯзи умр омад бар сару бар кӯи ҳосилҳо.
Ба ёди гулшани кӯи ту ашкафшон саҳар рафтам,
Чу абр аз гиряи худ сохтам хоки раҳат гилҳо.
Ҷигарҳо хун шуду садпора гардид аз гули рӯят,
Зи тоби тураат бетоб шуд шерозаи дилҳо.
Кушудам ҳамчу гул девони Ҳофиз дар чаман, Шайдо,
Зи шавқаш булбулон карданд худро пора бисмилҳо.
4
Аз мо расон саломе пайки сабо, Худоро,
Бо сад ниёзмандӣ он шӯхи дилраборо.
Гар бигзарӣ ба сӯяш, гӯ бо сагони кӯяш
Шарҳи ниёзмандӣ ёрони ошноро.
Киштии мо шикаста, боди мурод  нагашта,
Дар баҳри ғам нишаста, розӣ шуда қазоро.
Эй раҳнамои содиқ, ҳастӣ табиби ҳозиқ,
В-эй дастгири лоиқ,  лутфе бикун даворо.
Бемору нотавонам, ранҷуру хастаҷонам,
Ҷуз ту даво надорам, бикшо дари шифоро.
Умре гузашту даврон бо мо ҳанӯз н-омад,

Соқӣ биёву пур кун паймонаи бақоро.
Сад мавсими хазон шуд, сад навбаҳор омад,
Дорад ҳанӯз умед гулзори мо саборо.
Дӣ бо сагони кӯяш дорам ниёзмандӣ,
Шояд ба хотир орад як бор ин гадоро.
Эй андалеби Шайдо, дар саҳни ин гулистон,
Чун Ҳофизи хушилҳон  аз дил бикаш наворо.
5
Талх аст бе мазоқи лабат найшакар маро,
Санги сабӯст ғунчаи садбарги тар маро.
Хуррам ҳавои гулшани кӯи ту кардаам,
Бошад зи мавҷи накҳати гул болу пар маро.
Аз ваъдаҳои омаданат,  эй нигори ман,
Чашми умед ҳалқаи беруни дар маро.
Чун гул лаби тамаъ чӣ кушоям дар ин чаман,
Бошад чу ғунча қут зи хуни ҷигар маро.
Дар базмгоҳи ишқ хамӯшист эътибор,
Эй андалеб, чанд диҳӣ дарди сар  маро.
Шайдо, чӣ  гуна сар кашам аз остони дӯст,
Тоҷи каромат аст аз ин зар ба сар маро.
6
Осии пургуноҳам, ё Раб, ба лутф бахшо,
Шарманда,  рӯсиёҳам, ё Раб, ба лутф бахшо.
Фикрам табоҳкорӣ, корам гунаҳгорӣ,
Аз фазл худ паноҳам, ё Раб, ба лутф бахшо.
Корам ҳамеша исён, фикрам ба доми нисён
Афтода зери чоҳам, ё Раб, ба лутф бахшо.
Ман бандаи харобам, дар банди хӯрду хобам,
Дар қайди молу ҷоҳам, ё Раб, ба лутф бахшо.
Шуд умр сарфи дунё, бе ёди ишқи мавло,
Ин дам ба дарду оҳам, ё Раб, ба лутф бахшо.

Аз баҳри  раҳмати хеш як қатрае ба дарвеш
Пажмурда чун гиёҳам, ё Раб, ба лутф бахшо.
Шайдо ба кӯи дигар, дар ҷустуҷӯи дигар
Аз фазли худ ту роҳам, ё Раб,  ба лутф бахшо.
7
Аз зикри лабат карда ҳаловат дилу ҷонҳо,
Ширин зи ҳадиси даҳанат кому забонҳо.
Бо қофилаи Каъбаи ишқи ту равонем,
Ҳамчун ҷарас аз шавқи ту дорем фиғонҳо.
Дар арсаи идроки ту ҳайрон хираду фаҳм,
Саргаштаи фикри ту яқин бод гумонҳо.
То ҷилваи сарви қади раънои ту диданд,
Аз сидра париданд ҳама рӯҳу равонҳо.
Аз ғунчаи пайкони ту барге нашукуфта,
Гулҳои чаман карда ҳама синафишонҳо.
Хунобаи ашке ба рухи зард  фишонам,
Шайдо, нафурӯшам ба лаълу зари конҳо.
8
Ё  Раб, бинамо рӯи худ оинаи моро,
Хуршедлиқо кун ҳарими синаи моро.
Эй абри карам, бор, ки мо ташналабонем,
Лабрези гуҳар кун садафи синаи моро.
Ҳар қатраи ашке ба ду олам нафурӯшем,
Қадрест чунин гавҳари  ганҷинаи моро.
Шайдо, тамаъ аз ҳазрати ҷонон худ ин аст,
Як бор хиромад дили бекинаи моро.
9
Сӯи муштоқони худ, эй шӯхи маҳпайкар биё,
В-эй ҳумоюнтолеъи фархунда,  некахтар биё.
Ташнаи оби дами шамшери нозат гаштаем,
Ҳар дам, эй ғофил, ки меоӣ,  ба каф ханҷар биё.

Гар лаби хандон ҳавас дорӣ дар ин даври ҷаҳон,
Ҳамчу гул эй ғунчаи ман, рав, бағал пурзар биё.
Амну осоиш надорад арсаи дашти фано,
Сайри ин саҳрои хунин мекунӣ, сарсар биё.
Аз хилофи ваъдаат гардам, ки биллоҳулхилоф,
Борҳо рафтам ба кӯят, гуфтаӣ: дигар биё.
Марҳабо, Шайдо, ки ҷонон кард бо ман ин талаб,
Ошиқӣ моӣ, саҳар нолон ба чашми тар биё.
10
Булбул бихонд ба саҳни гулистон китоби мо,
Барги гул аст сарфи сари кӯи боби мо.
Соқӣ, биё, ки миннати соғар намекашам,
Дашном з-он лаб аст хумори шароби мо.
Чун чашми сар хумори ту мастона меравам,
Кайфияти нигоҳи ту дорад шароби мо.
Дар дил хаёли зулфи ту як шаб гузашта буд,
То субҳи маҳшар аст парешон хоби мо.
Шайдо, талоши ин ғазали пок мекунад,
Доманшикаста аст варақи интихоби мо.
11.
Медиҳад сунбул насими ҷаъди гесуйи туро,
Орази гул ёд дорад сафҳаи рӯйи туро.
Субҳдам бар орази авроқи ӯ биншастааст,
Кардааст тақлид шабнам қатраи хӯйи туро.
Рӯ ба тавфи остонаш оламе овардаанд,
Чун надорад Каъба файзи арсаи кӯйи туро.
Хун шуд аз бӯят ғизолони Хутанро нофае,
Интизорӣ мебарад умр чашми ҷодуйи туро.
Эй ба ёди Каъбае ҷайби гиребон пораҳо,
Матлаи хуршед чавгон ҳалқа(й)  гесӯйи туро.
Поси шабҳо доштам посе, ки шаб мегузашт,

Ҳалқаи ӯро дигар дам, ҳалқаи мӯйи туро.
Ошиқи Шайдо қаландармашрабу жӯлидамӯ,
Чун кабӯтар дар самоъ аст фикри «ёҳу» - и туро.
12
Илоҳӣ, аз карам кун меҳрубон ҷононаи моро,
Ба лутфат ошно гардон бути бегонаи моро.
Лаби ҷонбахши ҷононро Масеҳи дардмандон кун,
Табиби дарди эшон,  дилбари фарзонаи моро.
Ривоҷи дурднӯшонро ба қадри фазли худ фармо,
Сафои Каъба деҳ хоки дари майхонаи моро.
Дар ин гулшан, ки девони муҳаббат булбулон хонанд,
Макун навмед раҳни қабул афсонаи моро.
Савоби ҳалқаи зуннори мо аз нусха афзун шуд,
Шарифи Каъба гардон роҳиби бутхонаи моро.
Садаф борони  ашки чашми мо қадраш чӣ медонад,
Дар оғӯши дили мо ҷой деҳ дурдонаи моро.
Надонам, то чӣ хоҳад кард ҷӯши гирйаам, Шайдо,
Набояд раҳгузори сел шуд вайронаи моро.
13
Эй талаб беҳуда карда нақди умри будро,
Дар ҳавас афканда моҳи толеъи масъудро.
Эй ба ғафлат умри худ сарфи ибодат кардаӣ,
Саҷда меорӣ, намедонӣ вале масҷудро.
Танпарастӣ мекунӣ, гӯӣ намозе мекунам,
Мондаӣ дар тоқи нисён саҷдаи маъбудро.
Эй ту дар дашти амал овораи ҷаҳду ҷадал,
Гаштаи гумкарда роҳи Каъбаи мақсудро.
Ҳар саҳар бархез, эй Шайдо, ба оби дидагон
Шустушӯе соз ин чашми гунаҳолудро.
14
Миннату роҳати атлас накашад пайкари мо,

Хоки хокистари кӯи ту бувад бистари мо.
Хат кашидем зи шарми гунаҳи худ бар хок,
Рафт бо домани саҳро хабари мистари мо.
Омад он шӯх ба пурсидани бемории хеш,
Ҳоли мо дида битарсид, гузашт аз сари мо.
Нома ҳар гаҳ ба навъе қаламе ронд қазо,
Чун гул аз хуни ҷигар шуд рақами дафтари мо.
Дар чаман булбули Шайдо ба навохонӣ шуд,
Ғунчаи  табъ шукуфт аз нами шеъри тари мо.
15
Кардаам аз бӯрёи най палоси хешро,
В-аз қумоши мавҷи урёнӣ либоси хешро.
Кишти умедам расид дар мазраи сайри фалак,
Мекунам ҳамчун маҳи нав тез  доси хешро.
Поси шабҳо мегузорам рӯ ба хоки даргаҳаш,
Бо сагонаш мекунам изҳор рози хешро.
Кӯчагарди меҳри ӯ гардидаам чун офтоб,
Бар сари кӯяш барам ҳар шом тоси хешро.
Узри Шайдоро пазир аз рӯи лутфи беҳисоб,
Бо кӣ созад ҷурм  арзи беқиёси хешро.
16
Ё Раб, бурун зи парда барафтод рози мо,
Мутриб куҷост, то кунад оҳанги сози мо.
Шуд чанг қоматам, раги ҷон гашт тори ӯ,
Овозаи «Ироқ» барорад «Ҳиҷоз» - и мо.
Эй сарви ноз, дар қадамат уфтодаем,
Дар маърази қабули ту афтад  маҷози мо.
Ҷонро хабар набуд шаби базми васли ёр,
Парвона сохт шӯълаи базми тарози мо.
Мо рӯ ба тоқи абрӯи дилдор кардаем,
То иқтидо имом кунад бар намози мо.

Воиз,  ба зӯр  ишқи бутон манъ мекунӣ,

Пайвастааст  пири  ҳақиқатмаҷози мо.

Шаб навҳаҳо  ба турраи он зулф додаем,

Шамшодро шикаста забони дарози мо.

Султони ишқ омаду овоза шуд баланд,

Маҳмуд сар ниҳод ба пои Аёзи мо.

Чашмаш ба ғамза гуфт ба Шайдо намехарам,

Сад раҳ агар ниёз биёрӣ ба нози мо.

17

Чанд месозӣ ту эй дилбар, итоби мо чаро?

Чини абрӯ менамоӣ дар хитоби мо чаро?

Хуни дилҳо хӯрда чун гул дафтаре во кардаам,

Як дам эй булбул, намехонӣ китоби мо чаро?

Мардумон дар оташи сӯзанда обе мезананд,

Мезанӣ ту оташи сӯзон бар оби мо чаро?

Ҳар кабӯтар меравад сӯят зи мо беномa нест,

Қосиде аз ту намеорад ҷавоби мо чаро?

Раҳм бар ҳоли хароби мурдагон ҳам хӯрдааст,

Баста эй  дида,  ба шабҳо роҳи хоби мо   чаро?

Коми дил гуфтем, Шайдо аз лабаш ширин шавад,

Ин намакдон шӯр дорад бар кабоби мо чаро?

18

Аз ҳалол омода кун дар суфра нони хешро,

Чун фалак пурнур кун аз қурс хони хешро.

Ҷуз ҳадиси ишқ ҳарфе бар забон ҷорӣ макун,

В-арна рӯзи ҳашр мехойӣ забони хешро.

Ҳамчу анқо дар ҷаҳон хоҳӣ, ки гардӣ номдор

Аз миёни мардумон гум кун ту номи хешро.

Олами парвозгоҳат шохсори сидра буд,

Ёд кун эй мурғ, аз барг  ошёни хешро.

Новаки оҳи саҳаргоҳӣ ниҳон дар тавба кун,

Чун футӯҳ манмой бо мардум камони хешро.
Рав,   ба ранги чархи дӯлобӣ даро андар самоъ,
Муғтанам Шайдо  шумар як дам замони хешро.
19
Сурма чандин мекунӣ чашми сиёҳи хешро,
Мекунӣ бо мо сияҳ ҷонон нигоҳи хешро.
Ҳалқаи он зулф чун бар орази ҷонон задаст,
Хирмани гул кард афъӣ хобгоҳи хешро.
Дастбурде то сабо бар туррааш созад басе,
Бурда бар хуршед рухсораш паноҳи хешро.
Ашки сурху рӯи зарди мо шаҳодат медиҳад,
Мебарам бар даъвии ишқаш гувоҳи хешро.
Булбулонро дар чаман шӯридаву шайдо кунам,
Ҳамчу гул  гар бишканам тарфи кулоҳи хешро.
Андалеби табъи ман нозукниҳол афтодааст,
Кардаам аз шохи гул ман хобгоҳи хешро.
Остони факр  Шайдо,  бар баланд афтодааст,
Метавон бар мулки Ҷам бигзида  оҳи хешро.
20
Ё Раб, аз шаҳди саноят соз ширин коми мо,
Чанд бошад талхком ин ҷони заҳрошоми мо.
Чанд рӯзе шуд, ки чашми равзани мо мепарад,
Кай гузорад пой хуршеди ҷаҳон бар боми мо.
Нақши мо қалб аст, то чашмони мардум каҷнигоҳ,
Чун нигин бар акс мехонанд доим номи мо.
Ҷуз забони шиква як ҳарфе намеояд ба гӯш,
Рафтааст меҳру муҳаббат андар ин айёми мо.
Деги ҳирси мо нашуд, Шайдо, даме аз ҷӯш паст,
Кай пазад з-ин оташи савдо хаёли хоми мо.
21
Марон эй дилрабо, аз остони кӯйи худ моро,

Чӣ бошад гар бихонӣ чун сагон бар  сӯйи худ моро.
Шаби ҳиҷрони ман эй маҳ, ба нури худ мунаввар кун,
Макун маҳрум аз шамъи ҷамоли рӯйи худ моро.
Чаман карда мазори хоки пои дилбари раъно,
Фиристӣ бо сабо гар шаммае аз бӯйи худ моро.
Дил аз дунболи шӯхиҳои чашмат meравад аз худ,
Шикоре мекунӣ, эй шӯх,  бо  оҳуйи худ моро.
Фитода рӯйбархокем, масту бехабар Шайдо,
Кӣ мегирад зи шафқат бар сари зонуйи худ моро.
22
Ҳеч раҳме бар дилаш  н-омад ба ман ҷононаро,
Сӯи худ як раҳ нахонд аз лутф ин девонаро.
Толеъи баргаштаи моро, ки бахти вожгун,
Карда маҳрам бар сари зулфаш забони шонаро.
Сӯхтем, он шӯх бо мо илтифоте ҳам накард,
Шамъ кай созад суроғи  ошиқи парвонаро.
Барқи оҳам як шабе бар чарх  печидан гирифт,
Дарзадам оташ зи ғайрат сақфи ин вайронаро.
Соқиё, ҷоми карам фармо, ғами ҷонам барад,
Аз шароби лаъли худ лабрез кун паймонаро.
Тангнои даҳрро гуфтам яке вайрон кунам,
То дигар обод гардонам ман ин вайронаро.
Бодаи нозе, ки Шайдо аз нигоре хӯрдааст,
Рафтааст аз ҳуш гум карда раҳи майхонаро.
23
Ёди зулфу холи ӯ ҳам дона асту доми мо,
Дар гирифтории ту, эй дилрабо,  ороми мо.
Дил ба он рухсораи зулфи мусалсал додаам,
Инчунин бошад давоми зикри субҳу шоми мо.
Ҳусни Лайлӣ шӯҳрат аз овозаи Маҷнун гирифт,
Ошиқи  бадном гардӣ аз бадии номи мо.

Мо ки  оғози  ҳаво кардем дар баҳри фано,
Чун ҳубоби  мавҷи дарё шуд рӯйи боми мо.
Шарбати лаъле карам фармо, ки то ширин шавад,
То ба кай чун заҳри қотил талх бошад коми мо.
Ҳар киро дидем, Шайдо дар ғами нафсу ҳаво,
Як ҷавонмарде нашуд пайдо дар ин айёми мо.
24
Рӯзи мо охир шуду омад намози шоми мо,
Сарф бар кори абас шуд ҷумлаи айёми мо.
Умр бар сар омаду гардид мӯи мо сафед,
Гум  нашуд аз дафтари номасиёҳон номи мо.
Ғофил аз мурдан ба худ анҷоми дунё мекунӣ,
Турктозӣ орият созад  ин анҷоми мо.
Соғари  айше, ки менӯшам аз даврони чарх,
Шарбати марг аст,  резад   бар дили ногоми мо.
Мо чӣ савдоҳои хомеро ба дил ҷо додаем,
З-ин ки пухта дуд кай гардад  кабоби хоми мо.
Зинати қасру сарову коху айвон мекунам,
Нардбони хешро монда аҷал бар боми мо.
Як нафас осоише набвад дар ин меҳнатсаро,
Дар шабистони лаҳад бошад магар ороми мо.
Ҳарфҳои талхи мо, Шайдо касе гӯше накард,
Шикваҳо  дорам аз гардуни ҷомошоми мо.
25
Ёди мо созиву ой ба сари турбати мо,
Он замон раҳм хӯрӣ бар дили пурҳасрати мо.
Абри гирён бар сари турбати мо мегиряд,
Мекунад нола бар ин бекасии ғурбати мо.
Риштаи меҳр зи аҳбоб буридем, бирафт
Доғи ҳасрат ҳамаро монд ба дил фурсати мо.
Бо дили пурғаме аз хотири ёрон рафтем,

Ки ғуборе нанишинад ба дил аз улфати мо.
Нафаси рӯзии оинаи дилҳо шудаам,
Халали поктамизон нашавад сӯҳбати мо.
Доғи савдои ту дар сина бибурдем ба хок,
Бошад аз лолаи саҳро аломи турбати мо.
Умри Шайдо ба сари кӯи харобот равад,
Гар дигарбора даме даст диҳад фурсати мо.
26
Баски бигзашт ба сад ҳавсалае фурсати мо,
Мекунад оҳи надомат дили пурҳасрати мо.
Умрҳо бар сари кӯи ту агар сарф кунем,
Бо сагони ту муяссар нашавад қурбати мо.
Бо саги кӯи ту эй дӯст, чу ҳамкоса шавам,
Ҷоми Ҷам рашк барад бар хушии ишрати мо.
Бар сари кӯи ғамат сояи девор бас аст,
Ки беҳ аз атласу шоҳист чунин роҳати мо.
Бо ҳақорат нигарад ҷониби мо чанд рақиб,
Хор - хории сари салтанатат ишрати мо.
Сари мо хоки дари майкада бодо, Шайдо,
Метавон кард муҳобот бар ин ҳурмати мо.
27
Сӯхт мағзи ҷигар оҳи дили девонаи мо,
Нолаҳои саҳару гиряи мастонаи мо.
Ҷон фидо карда, ба пеши қадамат сӯхта шуд,
Раҳм, эй шамъ, нахӯрдӣ ту ба парвонаи мо.
Зоҳид, аз Каъба нашуд ҳеҷ муродат ҳосил,
Гар Худо металабӣ, рав ба санамхонаи мо.
Мо чӣ васфи ту кунем, эй маҳи маҳбублиқо,
Ҷони моиву дилу дилбару ҷононаи мо.
Умрҳо шуд, ки ба ҳам улфати дигар дорем,
Ғами ту гӯшанишин аст ба вайронаи мо.

Шӯълаи ҳусни ту аз парда бурун меояд,
Гӯиё хилвати фонус шуд ин хонаи мо.
Бастаҳо  дар қадамат дидаи мо хоҳад рехт,
Зулфи ту дом бувад, холи рухат донаи мо.
Сайди худ чун накунӣ мурғи дили Шайдоро,
Аз сари лутф ниҳӣ пой ба кошонаи мо.
28
Ману наззораи он наргиси махмур куҷо,
Базми васли ту куҷову мани маҳҷур куҷо.
Бар сари худ кулаҳ аз тарки ду олам дорам,
Рифъати қаср куҷо, шавкати Фағфур куҷо.
Хами абрӯи туро нома навиштаст ҳабиб,
Шоми зулфи ту куҷову шаби дайҷур куҷо.
Ҳама олам ба тамошои ту ҳайрон шудаанд,
Дилбарии ту куҷову парии хур куҷо.
Хори домони ту гулбонги  «Аналҳақ» дорад,
Нахли қадди ту куҷову шаҷари Тур куҷо.
Ишқ иқбол агар бар дили мискин орад,
Лангари кӯҳ куҷову камари мӯр куҷо.
Ҳазар аз наъраи мастонаи Шайдо мекун,
Оҳи девона куҷову нафаси сур куҷо.
29
Ошиқонро кардаӣ  муштоқ, эй маҳбуби мо
Парда бардор аз рухи худ, дилбари матлуби мо.
Бӯса бар пои сагонаш додани мо айб нест,
Дар тариқи ишқбозӣ ин бувад услуби мо.
Номае аз сӯзи дил иншо ба ҷонон сохтем,
Доғ шуд боли кабӯтар аз лифи мактуби мо.
Торҳои  жандаи мо сахт моро мехӯрад,
Қути кирмон аст гӯӣ  ин тани Айюби мо.
Аз саводи сабзаи хатти лабаш дорад қалам,

Сабз шуд ин кишт аз шӯри хушаш мактуби мо.
Гуфтӯи халқ, Шайдо аз кудурат пок кард,
Шуд забони шикваи аҳли ҷаҳон ҷорӯби мо.
30
Дил меравад зи ишқи бути дардманди мо,
Дорад тараҳҳуме ба дили мустаманди мо.
Бар дида сурми хоки ҳариме кашидаем,
Бошад ҳамин ниёз дар ин кӯ писанди мо.
Оҳе, ки шаб зи турраи дилдор мекашам,
Аз фарқи фарқдон гузарад ин каманди мо.
Чун кокули бутон, ки ба сар тоҷ кардаанд,
Барҷастаанд мисраи пасту баланди мо.
Ҷавлонкунон зи арсаи афлок бигзаранд,
Шавқи ту тозиёна кашад бар саманди мо.
Дил аз каманди дидаи бадхоҳ фориғ аст,
Холи рухаш ба миҷмари ҳуснаш сипанди мо.
Булбул, ки аз ҳикояти тӯтӣ кунад равост,
Ҳар фикри гул кунад зи лаби нӯшханди мо.
Шайдо, бигӯ ба ман, ки зи девони шеъри хеш
Файзи Дакан куҷову баҳори Хуҷанди мо.
31
Хати афве бикаш аз лутф айвони гуноҳамро,
Сафед аз оби раҳмат кун варақҳои сиёҳамро.
Зи ҷайби хоки муштоқон гиребончок бархезӣ,
Яди байзо карам фармо тулӯъи субҳи оҳамро.
Қаландармашрабу девонаву шӯридааҳволам,
Маяфкан аз сари иззам ба хориҳо кулоҳамро.
Ба даргоҳи кадомин дӯст рӯи илтиҷо орам,
Зи фарши остони фақр бахшӣ такягоҳамро.
Саре бар шавкати иқболи дунё зери по орам,
Карам кун аз ҳарими Каъбаи фазлат паноҳамро.

Ба шабҳои ғамат менолам аз дарди ҷудоиҳо,
Табиби ман, намепурсӣ чунин ҳоли табоҳамро.
Магардон  аз самуми қаҳр дар дашти пур аз чангам,
Зи абри раҳматат  кун сабз ин мушти гиёҳамро.
Фарозу шеби саҳрои қиёмат ақбаҳо дорад,
Ба сӯи равзаи хулди барин фармой роҳамро.
Ба ҷаннат ошиқонро ваъдаи дидор фармудӣ,
Макун навмед аз ҳусни қабули худ нигоҳамро.
Ба қадри пирӣ гоҳе кай дарояд дар назар Шайдо,
Ба мизони карам санҷад агар кӯҳи гуноҳамро.
32
Ба тӯфоне, ки карда Нӯҳро киштӣ табоҳ ин ҷо,
Ба ғайр аз лангари фазлаш набошад такягоҳ ин ҷо.
Агар аз некбахтӣ номаи моро рақам бошад,
Ҳазорон кӯҳи исён аст карда пари коҳ ин ҷо.
Касеро дастгирӣ аз амал рӯзи ҷазо набвад,
Ба ғайр аз соябони раҳматаш набвад паноҳ ин ҷо.
Киро ёрои он бошад даме, к-аз худ сухан кардан,
Ки бар кирдори мо бошад ҳама аъзо гувоҳ ин ҷо.
Либоси дил накардам шустушӯ ин ҷо ба умеде,
Ки пок аз чашмаи Кавсар шавад ҷӯши гуноҳ ин ҷо.
Ба лутфаш хоҳ бинвозад, ба қаҳраш хоҳ бигдозад,
Ризои дӯст мехоҳам мани гумкардароҳ ин ҷо.
Гузар аз шавкати дунё ба меъроҷи фано орад,
Муҳайё   баҳри ту карда иқбол  иззу ҷоҳ ин ҷо.
Ба назди ҳазрати ҷонон чӣ хоҳӣ бурдан, эй Шайдо,
Набошад тӯҳфаи лоиқ ба ғайр аз сӯзу оҳ ин ҷо.
33
Ҳар ки  аз дидаи ҷонаш ба Худо шуд бино,
Дида пӯшида ба худ, то ба Худо шуд бино.
Интизории саропардаи дидор кашад,

В-арна Яъқуб зи ду дида чаро шуд бино.

Аз дами боди сабо наргиси ин боғ шукуфт,

Чашми дил аз нафаси боди сабо шуд бино.

Соф бо сайқали ишқаш макун оинаи дил,

З-он ки оинаи зоҳир ба ҷило шуд бино.

Мадади як хасеву роҳ туро бас бошад,

Кӯри афтода зи як чӯби асо шуд бино.

Чанд бар дидаи дил сурмаи тақлид кашӣ,

Ҳеҷ дидӣ, ба даво чашми аъмо шуд бино.

Кӯрдилро набувад баҳрае аз партави ишқ,

Чашми хаффош зи хуршед куҷо шуд бино.

Дили худ аз нафаси зиндадилон зинда макун,

Чанд кӯр аз дами Исо ба дуо шуд бино.

Шайдо, баски малулам зи шабам то ба саҳар,

Мекунам тавбаву истиғфор дили мо шуд бино.(?)

34

Чун субҳ кашидем ба меҳри ту нафасро,

Кардем ба худ чок гиребони қафасро.

Берун нашуд аз шашдари ғам мӯҳраи толеъ,

Чун шоҳ ба ҳар рӯй, ки ронем фарасро.

Чун булбули шӯридаи гулзори муҳаббат,

Бо нолаву фарёд шикастем қафасро.

Сар то сари ин дашти фано қофила дар роҳ,

Бархез, дило, гӯш кун афғони ҷарасро.

Чун ҷуғд дар ин гӯшаи вайронаи фонӣ,

Эй сидранишин, чист шикори ту магасро.

Фарзанду зану қасру сарои ту ҳама ҳеч,

Оташ бизан аз сӯзи дил ин тӯдаи хасро.

Тарфи лаби ширини ту ин хатти сияҳ чист?

Бар тунги шакар завқи ҳуҷум аст магасро.

Аз сӯҳбати абнои ҷаҳон гӯша гирифтем,

Кардем фаромӯш зи хотир ҳама касро.
Шайдо, карами дӯст агар даст нагирад,
Гум карда раҳу монда зи қофила абасро.
35
Эй фарши остони ту нақши ҷабини мо,
Хоки дари ту сурмаи чашми нигини мо.
Меҳргиёҳ тухми вафо медиҳад самар,
Ҳар донае, ки сабз шавад дар замини мо.
Номи туро ба дидаи худ ҷой додаам,
Бошад саводи мардуми чашми нигини мо.
Аҳли назар муомила бо тӯтиё кунанд
Хоки дари ту сурмаи айнуляқини мо.
Шайдо, чу субҳ домани шабҳо гирифтаам,
То меҳри дӯст ҳамнафасу ҳамнишини мо.
36
Диломе, ки дорам ишрати бӯсу канор имшаб,
Чу тоби турраи худ карда ҷонам беқарор имшаб.
Сипанди миҷмари ҳуснаш ки бошад анбарин холе,
Ба ҷои уд хоҳам бурд дуд аз дил ба кор имшаб.
Рамида чун ғизоли шӯху ваҳшӣ хоб аз чашмам,
Сияҳмасти ҷунунам з-он нигори сурмадор имшаб.
Сабӯро пора созу шишаро бишкан, эй соқӣ,
Ки махмури шаробам з-он ду чашми пурхумор имшаб.
Шароби лаъли майгунаш ба коми дил куҷо бошад,
Ки дорам соғари айше ба дасти рашъадор имшаб.
Ба ҳар кас шиква аз бахти сиёҳам чун кунам, Шайдо,
Ки бар рози дилам гардида зулфаш пардадор имшаб.
37
То нишони зарраe ёбад зи кӯят офтоб,
То дами маҳшар бувад дар ҷустуҷӯят офтоб.
Дар танӯри чарх монад ҳамчу нони сӯхта,

Гар кунад даъвии хубӣ пеши рӯят офтоб.
То ниқоб аз орази худ субҳдам бардоштӣ,
Чашмаи симоб шуд дар пеши рӯят офтоб.
Аз шароби шавқи ту дар рақс минои фалак,
Соғари худ карда лабрез аз сабӯят офтоб.
Меравад доим ба сар ғалтон дар ин майдони чарх,
Дар хами чавгони афлок масти кӯят офтоб.
Дар шаби исро маҳи ман то арақнок омадӣ,
Эй чакида қатрае аз мавҷи хайят офтоб.
Субҳдам аз нола Шайдоӣ гиребон медарад,
Изтиробе мекашад аз ҳою ҳуят офтоб.
38
Гар биҳишти адн хоҳӣ, аз Худо имон талаб,
В-ар гунаҳ бисёр дорӣ, шеваи ризвон талаб.
Подшоҳе нест ғайр аз зоти поки зулҷалол,
Бандаи лутфи карам з-он ҳазрати субҳон талаб.
Мо ҳама дорем аз шумӣ исёни гуноҳ,
Ҳоҷати худро дило, аз ҳазрати хосон талаб.
Як насими субҳ чандин ғунчаро во мекунад,
Бастагиҳоро кушоиш аз дами покон талаб.
Сели ашки дидаатро абри ҷӯяш раҳмат аст,
Гавҳари шабзиндадориҳо аз ин Уммон талаб.
Чун садаф кардӣ даҳонро боз, хӯрдӣ луқмаҳо.
Қимати дурдонаҳо аз гавҳари дандон талаб.
Улфати беҳуда кардӣ вақти худро доимо,
Умри зоеърафтаи худро, биё, товон талаб.
Бемашаққат доимо як луқмае н-омад ба каф,
Чок чун гандум дилат гардид, в-он гаҳ нон талаб.
Умри рӯзафзун бувад хатти лаби лаъли туро,
Зиндагии Хизрро аз чашмаи ҳайвон талаб.
Куштаи он зиндагиро зинда гардонад Масеҳ,

Инчунин эъҷоз Шайдо, аз лаби ҷонон талаб.

39

Раҳм кун, ё Раб, ба ҳоли зори бесомон ғариб,
Аз ғами тири ту дорад дарди бедармон ғариб.
Мушкиле афтода бар ҳоли ғарибі бенаво,
Аз кӣ ҷӯяд мушкилашро, то шавад осон ғариб.
Инчунин айше мабодо ҳеч касро дар чаҳон,
Соғари хун аст доим нӯши ин даврон  ғариб.
Зиндагӣ мушкил бувад бе дидани дидори ту,
Сер аз ҷон гаштааст аз меҳнати ҳиҷрон ғариб.
Аз ҳаёти ин чаҳон коми диле ҳосил нашуд,
Меравад бо доғу дарди ҳасрати дармон ғариб.
Гар бихонӣ бар сари кӯят ғарибі хастаро,
Меравад аз шавқ бар кӯи ту саргардон ғариб.
Аз сари лутфи карам рӯзе, ки ташриф оварӣ,
Сар ниҳад бар мақдамат, эй дӯст, сарғалтон ғариб.
Рӯ ба хок афтода, Шайдо дар ҳарими кӯи ту,
То кунад бар остонат ҷони худ қурбон ғариб.

40

Кадомин шӯхи бепарво дилороми ман аст имшаб,
Ки даврони фалак гардида бар коми ман аст имшаб.
Зи лаъли боданӯши шаккаринаш бӯсаҳо дорем,
Ки ширин гашта коми захрошоми ман аст имшаб.
Куҷо шуд айши ҷоми Ҷам, ки карда талх дар рашкам,
Ҷаҳони комрониҳо,  ки бар коми ман аст имшаб.
Лаби ҷоми мурассаъ бар ҳилоли абрӯе  дорӣ,
Маҳи нав бар тамошо бар лаби боми ман аст имшаб.
Биё, эй мурғи ҷон, мебар гирифторони шайдоро,
Ки зулфу холи ҷонон донаи доми ман аст имшаб.
Ба даст овардаам, Шайдо, сари зулфи парешоне,
Ки савдои ду олам дар саранҷоми ман аст имшаб.

41

Боди саҳар ба кӯи шумо мефиристамат,

Хуш қосиде ба сӯи шумо мефиристамат.

Ҷони азиз тӯҳфаи дилдори лоиқ аст

Баҳри нисори рӯи шумо мефиристамат.

Ҳар шабнаме, ки бар рухи гул ҷилва мекунад,

Ин нусхаро ба хаййи шумо мефиристамат.

Хуш мисрае чу шохи гули тоза бастаам,

Гулдастае ба бӯи шумо мефиристамат.

Шайдо, ба дӯст гавҳари ашке зи дидагон

Аз баҳри обрӯи шумо мефиристамат.

42

Оҳе ба сӯи дӯст саҳар мефиристамат,

Зоде ба хеш баҳри сафар мефиристамат .

Ашке ки аз ҳадиқаи чашмам равона дошт,

Яъне зи боғи дида самар мефиристамат.

Гуфтӣ, биёву лаъли гуҳар кун нисори мо,

Бо ашки дида хуни ҷигар мефиристамат.

Ҳар кас ба ёр номае ирсол мекунад,

Ман номаро ба тарзи дигар мефиристамат.

Оташ агар ба хирмани парвона мезанӣ,

Аз барқи оҳи сина шарар мефиристамат.

Дурдонаҳои дида зи баҳри нисори ту,

Бо мардумони дида ба сар мефиристамат.

Бошад саводи холи рухат нури дидаам,

Ин тӯҳфаро ба аҳли назар мефиристамат.

Шайдо, ғазал чу Ҳофизи Шероз бастаам,

Бо тӯтиёни Ҳинд шакар мефиристамат.

43

Эй бехабар аз олами ғавғои қиёмат,

Имрӯз надорӣ ғами фардои қиёмат.

Ҳар накди гаронмоя, ки дорӣ ба каф имрӯз,
Зинҳор макун сарф ба фардои қиёмат.
Ин ҷо ба сарат сояфикан хаймаи заррин,
Фардо чӣ кунӣ соя ба гармои қиёмат.
Эй хоҷаи кавнайн, паноҳи ду ҷаҳонӣ,
Ҷуз ту набувад маъракаорои қиёмат.
Фардо ба шафоат алами лутф фарозӣ,
Ҷуз ту кӣ бувад мушфиқу мавлои қиёмат.
Сар аз хати фармони ту ҳар кас, ки кашидааст,
Фардо шуда шармандаву расвои қиёмат.
Имрӯз ҳама бехабару бехуду мастем,
Ҳушёр бигардем ба фардои қиёмат.
Чандон равад аз шарми гунаҳ сели арақҳо,
Гардем ҳама ғарқ ба дарёи қиёмат.
Чун коҳ барад ҳар тарафе кӯҳи гунаҳро,
Лутфаш ки занад мавҷ ба саҳрои қиёмат.
Фардо ҳама аз шарми гунаҳ рӯй ба хокем,
Гар худ накунӣ шафқати фардои қиёмат.
Шайдо, ба ҷуз аз раҳмати Ӯ нест паноҳе,
Дар офияташ сӯхт шарарҳои қиёмат.

44

Аз миёни мардумон ёди Худо ҳам рафтааст,
Гиряву зориву тасбеҳу дуо ҳам рафтааст.
Тинати софӣ намебинам дар абнои ҷаҳон,
Аз дили оинаҳо нуру сафо ҳам рафтааст.
Шиквае доранд абнои ҷаҳон аз якдигар
Аз миёни мардумон меҳру вафо ҳам рафтааст.
Ағниё дарюза аз хони гадоён мекунанд,
Аз каримони ҷаҳон ҷуду ато ҳам рафтааст.
Мерасад фарёди мурғони гулистон беасар,
Аз миёни булбулон шӯру наво ҳам рафтааст.

Мекашам аз хандаи бепардаи гулҳо хиҷил,
Аз арӯсони ҷаҳон шарму ҳаё ҳам рафтааст.
Ҳою ҳуйи сӯфиён, Шайдо, надорад ҳеч дард,
Нури тоат аз ҷабини пирҳо ҳам рафтааст.
45
Умрест дили ман шуда девонаи зулфат,
Пур  кӯчаи бозор ба афсонаи зулфат.
Шояд ки кушояд гираҳ аз хотирҷамъӣ,
Кардем забони дили худ шонаи зулфат.
Зулфи ту шабе партави ҳусни ту чароғе,
Бар гирди сарат дил шуда девонаи зулфат.
З-ин ҳалқаи занҷир кушоиш натавон ёфт,
Гар пардаи дилҳо шуда дандонаи зулфат.
Савдои хаёлаш нашавад дур зи хотир,
Эй гӯшаи дилҳо шуда кошонаи зулфат.
Зуннори бараҳман шуда бар ҳалқаи тасбеҳ,
Эй Каъбаи зуннор санамхонаи зулфат.
Дар ҳар нафасе бастану аҳдеву шикастан,
Ин шева дуруст аст ба паймонаи зулфат.
Доме, ки халосӣ натавон ёфт, ҳамин аст
Дилҳои гирифтор бувад донаи зулфат.
Шайдо ба сари зулфи ту дил дода ҳамегуфт:
«Бечораву савдозада, девонаи зулфат».
46
Ҳудҳуде омаду бозам ба сари кӯи ту рафт,
Зи сабо бӯи сабо буд, ки бар бӯи ту рафт.
Муждагонӣ ба ҳама дилшудагонам бибаред,
Эй хуш он қосиди ҷон бахри ҳаёҳуи ту рафт.
Карда бар маҳмили мо қофилаи Миср нузул,
Пири Канъонӣ ба эҳзон ба сари кӯи ту рафт.
Чун ғизоле, ки ба ваҳшат раҳи саҳро шумарад,

Дили девона ба як ишваи ҷодуи ту рафт.
Чу кабӯтар нагирифта нафасе оромӣ,
Бол бар бол заду баҳри ҳаёҳуи ту рафт.
Омадӣ пайки сабо аз чамани хотири мо
Боз аз баҳри шигифти  чамани рӯи ту рафт.
З-ошён мурғи чаман омада дар парвозе,
Бол бар бол заду баҳри такопӯи ту рафт.
Ба дили пора ба сад хубзабонӣ, Шайдо,
Шонаосо ба сари зулфи суманбӯи ту рафт.

47

Аз сияҳномагиям гарчи дилам пурреш аст,
Марҳами лутфи ту бар ҷони мани дарвеш аст.
Худ ҳидоят накунӣ, сӯи ту рафтан мушкил,
Чӣ кунам роҳзан ин нафси  саги бадкеш аст.
Ҷуз паноҳи карамат нест маро такягаҳе,
Доимо дар паи ман душмани бадандеш аст.
Азм ҳангоми раҳил аст дилам меларзад,
Сафари дурударози аҷибе дар пеш аст.
Ғофил аз ҳилаи бадкораи аммора мабош,
Нӯшҳо дорад ҳар нӯш варо сад неш аст.
Нест навмед дилам аз карами беҳади дӯст,
Гарчи ғарқи гунаҳам, раҳмати Ӯ з-он беш аст.
Ғами танҳоие аз гӯр надорам, Шайдо,
Лутфи Ӯ дар ду ҷаҳон ёри ман бехеш аст.

48

Дардо, ки дар ин давр касе ёри касе нест,
Доғем замоне, ки яке ҳамнафасе нест.
Дидем ҳама қофила гум карда раҳи хеш
Ҷуз нолаву фарёди фиғони магасе нест.
Ширин кӣ кунад коми дил аз лаззати дунё,
Ҳар ҷо ки шаккар ҳаст ба ғайр аз магасе нест.

Аз рафтану аз омаданаш кист хабардор,
Мустақбалу мозӣ ба ҷуз аз пешу пасе нест.
Эй масти зи худрафта ба худ ой замоне,
Рӯзи ту ҳамин аст дигар бозпасе нест.
Охир сар аз ин мулк гирифтему бирафтем,
Сад наъра кашидем, ки фардёрасе нест.
Чун рег бувад ташна ҳариси зари дунё
Олам ҳама дарёст яке қатра басе нест.
Бархез, машав мот дар ин шашдари фонӣ,
Рух ор сӯи шоҳ, ба зерат фарасе нест.
Аҳди гулу як нолае бар гӯш наёмад,
Як булбули шӯрида дигар дар қафасе нест.
Домон ба миён бурда дар ин дашти фано рав,
Дар ҷодаи  ин бодия  ҷуз хору хасе нест.
Шайдо, макун озурда дилу ҷони ҳазинро,
Девона шудан пешаи ҳар булҳавасе нест.
49
Бе нола булбуле ба гулистон наво наёфт,
То ғунча хун нахӯрд, шукуфт аз сабо наёфт.
Домони мақсуде ба каф осон намерасад,
То дур(р) нашуд ятим, ривоҷи баҳо наёфт.
Заҳри фироқ чаш, ки шавӣ шодкоми васл
Бе дарди дӯст кас зи табибе даво наёфт.
Дурӣ макун зи сӯҳбати равшандилон даме,
Бе кори шӯъла ҳеч чароғе зиё наёфт.
То сар ниҳода ҳалқа бар ин остон задам,
Шайдо, даме ба силки сагони ту ҷо наёфт.
50
Ё Раб, тамоми халқи ҷаҳон дар паноҳи туст,
Рӯи ҳама ба сӯи дари боргоҳи туст…
Чун мӯри пошикаставу афтода рӯ ба хок,

То садҳазор мӯри Сулаймон ба роҳи туст.
Мо аз нигоҳи чашми ғизолон гирифтаем,
Олам харобгаштаи чашми сиёҳи туст.
То номаи шаҳодати мо хонд ҳар касе,
Донист ӯ куштаи теғи нигоҳи туст.
Шайдо, ғаме зи рӯзи ҷазо мехурӣ, чаро
То ҷӯши баҳри раҳмати Ӯ бар гуноҳи туст.
51
Дида дар ҳасрати дидори ту хуш гирён аст,
Абр то бар сари ин қибла бувад, борон аст.
Бандае аз дари лутфи ту нагардад навмед
Боз хони карамат баҳри гунаҳкорон аст.
Ташнаи қатраи абри карамат шоҳу гадо,
Ҳар садаф менигарӣ, ташналаби найсон аст.
Хоки Одам, ки сириштанд ғараз аз ту бувад,
Ҳар ки бебаҳраи ишқи ту бувад, ҳайвон аст.
Сар макаш аз дами теғи ғамашу  ҳеч мапурс,
Худ кушад ошиқи бечора худаш нодон аст.
Одате ҳаст  ҳама шӯру  ҷунун одамро,
Ҳар кӣ бе шӯру ҷунун аст, на аз инсон аст.
Сурма каш бар назару сар макаш аз аҳли сафо,
Кӯҳли чашму дилу ҷон хоки дари эшон аст.
Хез, дарюзаи Шайдо дари  дилҳо мекан,
Бар гадо ҳар чӣ зи ҳар дар,  ки расад, эҳсон аст.
52
Новаки мижгони ӯ омаду бар ҷон нишаст,
Шасти камон  ӯ зи ман то сари пайкон нишаст.
Турки қаландарвашам боз ба яғмои дил
Тарфи кулаҳ кач шикаст, тунду парешон нишаст.
Қомати сарви хушаш дар чамани дилбарӣ,
Аз ҳама боло баранд, хубу намоён нишаст.

Сӯфии пашминапӯш бодаи нози ту хӯрд,
Гӯшаи майхона рафт дар сафи мардон нишаст.
Чун нашавад дар чаман пора ҷигарҳои гул,
Булбули Шайдоӣ  маст бар сари девон нишаст.
53
Эй дили зор, бигӯ, ин ҳама ҳайронӣ чист?
Ба худ ин маслиҳати бесару сомонӣ чист?
Оқибат шавкати дунё ҳама бар боди ҳавост,
Рифъату манзалати тахти Сулаймонӣ чист?
Меравад умр, биё, пои талаб дар раҳ неҳ,
Чораи кори ту он дам, ки фурӯ монӣ чист?
Ҷаннату ҳур барои ту муҳайё кардаст,
Меҳрбози чу  ба ин пиразани фонӣ чист?
Бишнав ин ҷо, чӣ чаро ғофиливу гумроҳӣ,
Ҳеч медонӣ, ғараз хилъати инсонӣ чист?
Ҳайф аз ин умри азизат, ки ба ғафлат гузарад
Хез аз хоби гарон, ғафлати шайтонӣ чист?
То ба кай пайравии нафси ҳаво месозӣ,
Гашта мағрур ба андешаи нафсонӣ чист?
Мондаӣ бар сари роҳе, хабаре нест туро
Тавсани  ҳиммати худ ҳеч намеронӣ чист?
Дар раҳи Каъбаи мақсуд дароӣ  Шайдо,
Гӯливу гумраҳиву тифливу нодонӣ чист?
54
Як нуктаи ишқ аз ҳама гуфтор баланд аст,
Як пардаи ишқ аз ҳамаи тор баланд аст.
Ин раҳгузари шердилон кӯчаи ишқ аст,
Овозаи Мансур аз ин дор баланд аст.
Моро кулаҳе аз намади ишқ буриданд,
Аз турраи дастори гуҳарбор баланд аст.
Бигзар зи сари дарси сабақ рав ба харобот

Он ҷо кулаҳ аз турраи дастор баланд аст.
Ҳусни рухи гулро чӣ тавон кард қиёсе,
Гулгунаи он чеҳраи гулнор баланд аст.
То Ҳофизи Шероз ба комам намаке рехт,
Шайдуллаҳ, аз он лаззати гуфтор баланд аст.

55

Бе ғами ишқи ту дил як нафасе то шод аст,
Ҳайф аз ин умри гаронмоя, ки бебунёд аст.
Бе наво булбули бечораи ман хомӯш аст,
Лек мурғи чаманам ҳодиса дар фарёд аст.
Сунбули боғ надорад сари зулфафшонӣ,
То сабо турраи мушкини туро бикшодаст.
Кафи афсӯс чу авроқи хазоне бизанем,
Барги айши мани  бебаргу наво афтодаст.
Ба тамошои ҷаҳон дидаи ибрат бикушо,
Сабзаву лолаи саҳро вароқи иршод аст.
Даъвии меҳри рухи дӯст кунӣ, ҷо дорад
Синаат субҳфисат то ба сафо афтодаст.
Ҷазбаи ишқи ту дорад кашиши дилҳоро,
Ҳалқаи зулфи каҷат силсилаи авлод аст.
Ростонро набувад ҳеч раҳоӣ, Шайдо
Сарви ин боғ зи ғамбоди хазон озод аст.

56

Ҳайф аз ин умри дурӯза бе ту, эй барно гузашт
Бе тамошои рухат эй дӯст, айши мо гузашт.
Соқиё, бе соғари лаъли лаби ширини ӯ,
Рӯзгори ишрати мо талх чун мино гузашт.
Шамъи базм охир шуду парвона ҳам шуд сӯхта
Навбати субҳидам омад, ишрати шабҳо гузашт.
Хандаи талхи сuроҳиву навои чангу най,
Саркашиҳои шаробу қул-қули мино гузашт.

Навбаҳорон омаду рафту гулистон шуд хароб,
Нолаҳои булбули пуршӯру пурғавғо гузашт.
Маҳрами дидори ҷонон омаду ҳам шоҳи дин,
Пушти по зад ҳамчу ӯ  ҳам ҳар ки аз дунё гузашт.
Зулфи ӯ бар хотирам меомаду мебурд ҳуш,
Кас чӣ медонист шабҳо аз дили Шайдо гузашт.

57

Бар тамошои ҷаҳон гул омаду хандиду  рафт,
Аз барои мотами худ ҳам қабо бидриду рафт.
Арсаи боғи ҷаҳонро хубу хуш оростанд,
Ҳар кӣ омад з-ин гулистон як гуле барчиду рафт.
Ҳар диле аз айши дунё шуд  ба навъе комёб,
Санги ҳасрат шишаи моро зи ҳам пошиду рафт.
Тири дилдӯзе, ки омад аз камони абрӯяш,
Синаамро оҳанинпайкони ӯ ковиду рафт.
Ишрати дунёи дунро дид Шайдо ҳеч не,
Домани дилро чу барқе аз ҳаво барчиду рафт.

58

З-ин саро мо ҳама бо қофила хоҳем бирафт,
Рахт барбаста аз ин марҳила хоҳем бирафт.
Ошиқонро нанамудӣ руху шуд умр тамом
Аз сари кӯи ғамат пургила хоҳем бирафт.
Мо ҳама омада будем ба умеди висол,
Ваъда фардост агар дудила хоҳем бирафт.
Сафарат дуру раҳе пурхатару беҳамроҳ,
Бо чӣ аҳвол аз ин марҳила хоҳем бирафт.
Корвон рафта фурӯ з-омада бар манзили хеш,
Мо кунун  бекасу беқофила хоҳем бирафт.
Ҳосили тухми умеди ҳама шуд хирмани оҳ,
Мо аз ин мазраа беҳавсала хоҳем бирафт.
Уқбаҳо дар раҳи  сад хавфи  хатарҳо, Шайдо,

Ваҳ, ки бе тӯшаву беҳосила хоҳем бирафт.
59
Биҳамдуллаҳ, ки бозам шуд муяссар дидани рӯят,
Муаттар шуд димоғи ҷумла ҷонҳо аз гули рӯят.
Набуд ором бар мурғи дили ман аз париданҳо,
Ба болаш нома мебастам барад то бар сари кӯят.
Тасаллӣ ин қадар бар ҷони муштоқам ҳамедодам,
Хаёлам ҳар нафас меомаду мерафт бар сӯят.
Ба ҳар ҷо по гузорӣ бӯсагоҳи мо бувад он ҷо,
Сари  мову қадамҳои туву завқи такопӯят.
Ба базми ошиқон ой, шароби шавқ нӯшонӣ,
Мани сармастиву девонагиҳое ба «ё ҳуят».
Ту хуш биншиниву ман масти беху̇д аз сарат гардам,
Гаҳе бӯсам кафи поят, гаҳе ғалтам ба зонуят.
Азизам, қиблагоҳам, ошиқи Шайдо  намепурсӣ,
Ғуломи ҳалқабаргӯшам камина аз дуогӯят.
60
Эй дил, биёву нома ба он дилрабо фирист,
Арзи ниёзи хеш ба пайки сабо фирист.
Изҳори ҳоли хеш ба ҳар кас магӯ раво,
Аз ошно паём сӯи ошно фирист.
Хоҳӣ, ки маъмуни ту шавад равзаи бақо,
Хоки вуҷуди хеш ба боди фано фирист.
Аз сӯи дӯст ҳар нафасе қосиде шумор,
Онро азиз дор, ба ёди Худо фирист.
Шайдо, муриди тоати аҳли риё машав,
Оҳе зи сина  гарм саҳар  бар само фирист.
61
Хастагонро зи табибон даво манзур аст,
Нолаи зоре доранд, шифо манзур аст.
Дида бар хоки дари аҳли назар дӯхтаем,

Тӯтиё дар назари дидаи мо манзур аст.
Тира шуд дидаи ғамдидаи Яъқуби ҳазин,
Бари пироҳани Юсуф зи сабо манзур аст.
Чӣ шавад гарди қудуме ба назарҳо бахшанд,
Ин қадар ҳиммати олӣ зи шумо манзур аст.
Бузургонро чӣ бувад тӯҳфаи лоиқ, Шайдо,
Номае арз намудем, дуо манзур аст.
62
Ошиқи шефтаи ёр шудам, ёр гурехт,
Рафт дил аз ману   дар бари дилдор гурехт.
Гуфтамаш, поси шабе ҳалқаи зулфаш дорам,
Толеъи тира нигар, шоми шаби тор гурехт.
Хостам тавфи ҳарам,   Каъба сиёҳпӯшам шуд,
Рӯй бар савмаа карду дару девор гурехт.
Бар санамхона шавам пири бараҳман гуфтам,
Куфр безор шуду ҳалқаи зуннор гурехт.
Ба ғуломии ту гуфтам, ки фурӯшам худро,
Айби пирии маро дида, харидор гурехт.
Дар илоҷи мани ранҷур табибон оҷиз,
Марҳам аз реши дили синаи афгор гурехт.
Ҳар ки шуд шефтаи ишваи Лайлисифатон,
Гашт Маҷнун ба сари кӯчаи бозор гурехт.
Ҳарфи Мансур чаро бар сари дораш овехт,
Ман зи як бонг «Аналҳақ» бизадам, дор гурехт.
Ҷон ба шукронаи  дидори ту Шайдо дарбохт,
Булҳавас лоф заду аз сари инкор гурехт.
63
Ҳар ҷо ҳадиси рӯи ту ҷонона меравад,
Сад шӯри ҳашр дар дили девона меравад.
Саргарми базми васли ту будам дӯш чу шамъ,
Ёрам чӣ ҳол дар  сари парвона меравад.

То мили сурма майли нигоҳи ту мекунад,
Ин шӯхошно сӯи бегона меравад.
Ман тирабахт дур аз он зулфи тураам,
Дар халқаҳои маҷмаи ӯ шона меравад.
Дидам ба ҳоли орази моҳаш ҳамчу  хат,
Мӯрест баҳри хона  сари дона меравад.
То чашми пурхумори ту, эй шӯх хоби ноз
Ҳар кас ки рафт, бехуду мастона меравад.
Эй абр, рав, ба қатраи найсони худ маноз,
Аз дида умрҳост, ки дурдона меравад.
Зоҳид  надошт нашъае паймон шикасту рафт,
Дар маҷлисе, ки ҳарф зи паймона меравад.
Соқӣ, нигоҳ сӯи ҳарифон намекунӣ,
Бисёр дил ба гӯшаи майхона меравад.
Савдои ганҷ бар сари ҷуғд аст доимо,
Афғонкунон ба ҷониби вайрона меравад.
Шайдо, бутон ба ваҳдаташ иқрор кардаанд,
Бисёрдил  ба сӯи санамхона меравад.
64
Кай раҳи кӯи ту ҳар булҳавасе  мегирад,
Роҳи ин марҳала озода касе мегирад.
Ҳар ки аз маҳмили ин марҳилаҳо дур бимонд,
Баҳри  ҳар шеваи  ин дунҳавасе мегирад.
Эй ба раҳмондаи  ин марҳила навмед мабош,
Оқибат дасти ту фарёдрасе мегирад.
Эмин аз қаҳри Худо гашта хато пеша макун,
Барҳазар бош,  даме бозпасе мегирад.
Сӯҳбати покдилон ҳаст зи дил нозуктар,
Рухи оина ғубор аз нафасе мегирад.
Ёрие  хоҳӣ зи афтодаву бечора бихоҳ,
Шӯъла авҷ аз мадади хору хасе мегирад.

Нолаи ошиқи Шайдо ба гулистон аз чист,
Булбули мо ба гул аз худ қафасе мегирад.
65
Субҳ наздик шуду даври шароб охир шуд,
Аҳди пирӣ шуду айёми шабоб охир шуд.
Номаи умри ту гардид ба яке ҳарф адо,
Тои таммат чу кашиданд, китоб охир шуд.
Сар кашиданд ҳарифон ҳама дар пардаи хок,
Баски базми тарабу чангу рубоб охир шуд.
Чанд ғофил гузарад умри ту то субҳи аҷал,
Чашми ҳасрат бикушо, хез, ки хоб охир шуд.
Донаи ашк дар ин чашма басе ҳаст ба кор,
Нашавад кишт дар ин мазраа, к-об охир шуд.
Хӯрдаам неъмати бисёр зи хони карамаш,
Даври мо мондаву даврони шароб охир шуд.
Бӯ набурдем аз ин базм, дареғо, чӣ насиб,
Об шуд ин ҷигари ташна,  кабоб охир шуд.
Сархуш аз соғари даврон чӣ ҳарифон гаштанд.
Умр дар фикри ғами рӯзи ҳисоб охир шуд.
Комёб аз лаби лаълаш нашудам, эй Шайдо
Лаби ҷоме нагирифтам, майи ноб охир шуд.
66
Ҳайфи ин умр, ки дар роҳи хато охир шуд,
Ҳама дар пайравии нафсу ҳаво охир шуд.
Ғунчаи мақсуди мо ҳеч баҳоре нашукуфт,
Ба умеди нафаси боди сабо охир шуд.
Ба табибе нарасидем ба дармон вале,
Ҷигари хаста ба умеди даво охир шуд.
Дод ҳамчун дами рӯбоҳ фиребе назанӣ,
Субҳи содиқ надамида, шаби тор охир шуд.
Сарф  шуд фурсати Шайдо,  ҳайф  як хандаи гул,

Умри булбул ҳама дар шӯру наво охир шуд.

67

Ин қофилаи ҷон, ки зи мулки адам омад,
Нақди ғами ӯ дида ба бозори ғам омад .
Ҷон тоири қудс аст асири қафаси тан,
К-аз баҳри тамошои ҷамоли қадам омад.
Эй дил, ба Худо бош, ба ҳар ҳол, ки бошӣ,
Хоҳӣ ба ту аз дӯсти атохоҳ ғам омад.
Девони қазо бар вараҳи ҳар кӣ қалам ронд,
Бар номаи мо номасиёҳӣ рақам омад.
Гар номаи маъсияти мо шуст ба як бор,
К-аз луҷҷаи баҳри карамаш гӯ, чӣ кам омад.
Бар гирди ҳарам гаштаму гуфтам, ки куҷоӣ,
Овозаи ту чанд зи байтулсанам омад.
Бархез дило, қофилаҳо бор бубастанд,
Манзил адам аст, он ки зи мулки адам омад.
Осон набувад давлати дидор ба ҳар гӯр,
Ҷон бохт касе маҳрами рози ҳарам омад.
Шокир ба Худо бош, макун шиква зи айём
Ҳар неку баде бо ту зи ҳукми қалам омад.
Шайдо, туву бечорагиву аҷзи тазаррӯъ,
Хуш давлати он кас ки дар ин роҳ кам омад.

68

Ҷоно, зи ту ҳар ҷавру ҷафову ситам омад,
Бар банда атоест зи хони карам омад.
Розӣ ба фазояш шудаӣ, шукр кун, эй дил,
Аз хони ризояш тарабу хоҳӣ ғам омад.
Эй дил, макун аз сӯҳбати айём шикоят,
Ҳар ҳодисае ҳаст, зи ҳукми қалам омад.
Дидам зи ҷаннат ҳарами қаср баландтар,
З-он тахт ки рӯзе ки зару ҷоми Ҷам омад.

Омад ба фиғон бонги дил аз кӯси ҷарасҳо,
З-он қофилаҳое, ки зи мулки адам омад.
Бардор зи гӯши дили худ пунбаву ҳуш дор,
Овозаи ноқус зи байтулсанам омад.
Бар неши ҷафое, ки расид бар дили решам
З-он неши ҷароҳот дили ман ба ҳам омад.
Аз дида бибор ашк, шавад мазраи дил сабз
Чун кишт расад абри баҳорон, ки нам омад.
Шайдо, сари худ хок бикун дар раҳи ҷонон
Шояд, ки ба сарвақти ту он шӯхқадам омад .
69
Бӯи сунбул зи дами боди сабо меояд,
Хушдилам аз сари он зулфи дуто меояд.
Ҳар насиме, ки аз он турраи дилдор вазид,
Гӯиё нофае аз чини Хито меояд.
Ғунчасон тангдил, эй булбули шӯрида мабош,
Шояд он гул ба чаман чеҳракушо меояд.
Меравад қофилаи умр ба ғавғои баланд,
Ки ба гӯши дили ман бонги диро меояд.
Бар дили хастаи ман сабзаи хатти лаби ёр,
Хизр ҳамроҳи Масеҳо ба шифо меояд.
Ҳар ғубоде, ки насим аз сари кӯяш орад,
Тӯтиё ҳаст, ки бар дидаи мо меояд.
Зоҳидо, ёди Худо рафта ба майхона бикун,
К- аз дари савмааҳо бӯи риё меояд.
Ҳар нафас қосиде аз ҷониби маъшуқ ояд,
Ҳеҷ медонӣ, куҷо то ба куҷо меояд.
Гашт Шайдо ба буте ошиқ аз тору пудаш,
Аз санамхона кунун бӯи Худо меояд.
70
Оҳам, ки шабе аз дили афгор баромад,

Печида дар ин гунбади даввор баромад.
Омад дили ҳар зарраи заррот бар афғон,
То рози ман аз пардаи асрор баромад.
Оварда сабо муждае з-он турраи мушкин,
Оҳ аз ҷигари нофаи тотор баромад.
Савдозадагон рахт ба бозор кашиданд,
Маҷнун магар имрӯз ба бозор баромад.
То мила бар он мӯи миён даст баровехт,
Якборагӣ дасту дилам аз кор баромад.
То мисраи он зулфи диловези ту бастам,
Мушке шуда аз таблаи аттор баромад.
Шайдо, чӣ кунам, тарзи ғазал бастанам ин аст,
То кори ман аз Қосими Анвор баромад.
71
Надонам аз куҷо туркони чашмаш боданӯш омад,
Хирад аз ҳуш рафту бехудӣ ин ҷо ба ҳуш омад.
Ману беҳушиву девонагиҳо ҳар куҷо рафтам,
Агар як нағмае аз парда ҳар ҷое ба гӯш омад.
Ба даври ҳалқаи зулфаш ба олам фитна барпо шуд,
Яке зуннорбанду дигаре пашминапӯш омад.
Намедонам чӣ ҳарфе дар чаман боди сабо овард,
Ки булбул дар фиғону ғунчаи пурхун хамӯш омад.
Рухи зарду дили пурхун ба ҳасрат з-ин чаман рафтам,
Зи хоки турбатам, Шайдо, гули раъно ба ҷӯш омад.
72
Ошиқи рӯи ту аз ҳар ду ҷаҳон мегузарад,
Бар сари кӯи ту аз кавну макон мегузарад.
Аз камонхонаи абрӯи ту дорам ҳазаре,
Новаки нози ту аз ҷавшани ҷон мегузарад.
Риштаи зулфи ту аз кӯчаи дилҳои хароб,
Ҳамчу торест, ки аз сабҳа ниҳон мегузарад.

Гӯш кун, ғунчаи ман, мурғи чаман мехонад:
«Булбуло, айши гулу фасли хазон мегузарад».
Сар зи фармони Худованд макаш, нофармон,
В-арна аз пушти сарат теғи зиён мегузарад.
Мунтазир бар сари ин роҳ нишин чун равзан,
Ки шабе омада он моҳ аён мегузарад.
Нолаи мурғи чаман гӯш кунӣ, ё Шайдо,
Эй хуш он умр, ки аз хоби гарон мегузарад.
73
Ҳайф аз ин умри азизат ба чӣ сон мегузарад,
Дар ғами ину ба андешаи он мегузарад.
Мерасад ҳар нафас овози ҷарас бар гӯшам,
Маҳмили умри ту чун оби равон мегузарад.
Суду сармояи судони ҷаҳон як нафас аст,
Лек умрат ҳама дар кори зиён мегузарад.
Фикри авқоти ту дар фикри чунин асту чунон,
Ки чунин ношуда авқот чунон мегузарад.
Такя бар бозии айём макун, ё Шайдо,
То занӣ дида ба ҳам ин ду равон мегузарад.
74
Ҳайф, ҳангоми гулу ҳусни чаман мегузарад,
Равнақи лолаву хубии суман мегузарад.
Ҷони танҳои ману ҷавру ситамҳои рақиб,
Ту чӣ донӣ, маҳи ман, он чӣ ба ман мегузарад.
Ҳамчу гул чоки гиребон бидарам айб макун,
Хандаҳои лаби он ғунчадаҳан мегузарад.
Ҷигари санги ақиқ об нагардад аҷаб аст,
Ки ҳадиси лаби лаъли лаълаш ба Яман мегузарад.
Ҳамчу гул пираҳан аз теғи ту кардам гулгун,
Куштаи нози ту дар фикри кафан мегузарад.
Шафақи шоми ғарибона дилам хун шудааст,

Ҳар нафас меҳри дами субҳи ватан мегузарад.
Мисрае бастаам аз зулфи нигоре, Шайдо
Рақами номаам аз мушки Хутан мегузарад.

75

Ҳайф аз ин умр, ки бе ёди Худо мегузарад,
Ҳама дар пайравии нафсу ҳаво мегузарад.
Ошиқи рӯи туро нолаву зорист мудом,
Кори зоҳид пайи тасбеҳу дуо мегузарад.
Хезу ин нақди гаронмоя ту аз даст мадеҳ,
Суду савдо бикун, байъу широ мегузарад.
Молу фарзанду зану қасру суроҳи-т ба даст,
Ҳама авқоти ту дар фикри хато мегузарад.
Хабар аз хеш надориву ба ғафлат мастӣ,
Вой бар ҳоли ту фардо,  ки чиҳо мегузарад.
Моли мазлум ситониву кунӣ айшу сурур,
Тарс аз он рӯз, ки ба золим  чиҳо мегузарад.
Кори Шайдо ҳама шаб ноливу зорист мудом,
Рӯзҳо дар пайи тасбеҳу дуо мегузарад.

76

Эй хуш он умр, ки бо ёди Худо мегузарад,
Ҳамагӣ дар раҳи мавло ба ризо мегузарад.
Зоҳиди чилланишин таъна ба мастон дорад,
Лек кораш ҳама дар фикри хато мегузарад.
Вақти он гӯшанишин хуш ба хароботи муғон,
Соф  олудаи дарвеш ба сафо мегузарад.
Зулфи ошуфтаву хӯкарда дили муғбача,
Барҳазар бош, ки ошӯби бало мегузарад.
Хуш табибест Масеҳи  лаби лаълаш Шайдо
Бар дили хастаи мо карда, шифо мегузарад.

77

Ҳайф аз он умр, ки бар кори абас мегузарад,

Ҳама дар банди ҳавоеву ҳавас мегузарад.
Хез, эй мурғи дил, ҷониби ҳақ  кун парвоз,
То ба кай умри ту дар банди қафас мегузарад.
Пунба аз гӯши дил, эй оқили ҷоҳил бардор,
Маҳмили умр ба афғони ҷарас мегузарад.
Ҳосили зиндагият омаду рафти нафас аст,
То занӣ дида ба ҳам, ин ду нафас мегузарад.
Сари ман  хоки раҳи тавсани нозаш бодо,
Ҳар куҷо ҷилваи он шӯхи фарас мегузарад.
Булбули Ҳофизи Шероз чӣ хуш нағма суруд,
«Эй хуш он умр, ки бар рӯди Арас мегузарад».
78
Сарву гул ошиқи рӯю қади шамшоди туанд,
Булбулу фохта дар нолаву фарёди туанд.
Сарв истода ба по, фохта дар гардан тавқ,
Ҳар тараф менигарам, бандаи озоди туанд.
Як гуле нест дар ин боғ ҷигарчоки ту нест,
Ҳама дилхуншудаи ҳусни худододи туанд.
Дар миёни ҳама хубони ҷаҳон Ширинӣ
Ҳар киро менигарам ошиқи Фарҳоди туанд.
Рӯзи маҳшар ба шафоат ту ливо афрозӣ,
Ҳамаи халқи ҷаҳон мунтазири доди туанд.
Аршу фаршу малаку мулки ҷаҳони малакут,
Ки асоси ҳама маъмура ба бунёди туанд.
Раҳм фармой, ки мо ҳам зи ғуломони туем,
Ду ҷаҳон шефтаи ғамзаи бедоди туанд.
Сару сомон талаб аз ошиқи Шайдо, чӣ кунӣ,
Сару сомони ду олам ҳама бар ёди туанд.
79
Он ошиқон, ки зинда ба ишқ  фано шуданд,
Хуш ҳиммате, ки куштаи он дилрабо шуданд.

Қавме, ки сар ба пои сагонаш ниҳодаанд,
Аз юмни ин шараф ҳама з-аҳли вафо шуданд.
Онҳо, ки сар ба ханҷари нозаш супурдаанд,
Аз куштагони ханҷари ин Карбало шуданд.
Тӯли амал, ки риштаи умрат карда қатъ,
Аз мосиво гусаставу аз мо сиво шуданд.
Онҳо, ки по ба домани узлат кашидаанд,
Аз ёру дӯстони худ аввал ҷудо шуданд.
Шайдо, вафои аҳди муҳиббони покбин,
Хуш ҳиммате, ки зинда ба ишқ  фано шуданд.
80
Зулф аз сар дур карду ман парешонам ҳанӯз,
Меравад дар ёди ӯ барбод сомонам ҳанӯз.
Сураи «Юсуф»  яке аз ояти ҳусни ту буд,
Дар дабистонҳо ҳамехонанд тифлонам ҳанӯз.
Бо гули рӯяш чу шабнам гарчи восил гаштаам,
Аз ғами рӯзи ҷудоиҳо-ш  гирёнам ҳанӯз.
Аҳди гул рафту хазон гашту ба ҷуз хоре намонд,
Мерасад фарёди булбул аз гулистонам ҳанӯз.
Равнақи ҳусни рухи ӯ шуд чу аҳди гул хазон,
Ман ба ранги булбули Шайдо дар афғонам ҳанӯз.
81
Куштаи нози туам,  мерезӣ ту хунам ҳанӯз
Мекунад чашмони ҷодуи ту афсунам ҳанӯз.
Оҳуи чашмони Лайлӣ рафта дар хоби адам,
Сар ба саҳро дода афтодаст Маҷнунам ҳанӯз.
Шӯхии чашми ғизоле сар ба  саҳро додааст,
Води ваҳашатнигоҳон аст ҳомунам ҳанӯз.
Доғҳои ҳасраташро бурдаам Шайдо ба хок,
Ҳар баҳорон лолаҳо меҷӯшад аз хунам ҳанӯз.
82

Сабақи бехудӣ аз пири сабақдон омӯз,
Нуқтаи ишқ зи устоди дабистон омӯз.
Одамиро сабақи илми ал-асмо доданд,
Рамзи ин нукта аз ин қории Қуръон омӯз.
Ман, ки шогирдии он одами нодон кардам,
Ҳарф нохонда биё, аз мани нодон омӯз.
Гар ту хоҳӣ, ки забони ҳама мурғон донӣ
Мантиқуттайр зи девони Сулаймон омӯз.
Фатҳи ин марҳала бе раҳбарии Хизр макун,
Адаби кор ҳам аз Мӯсии Имрон омӯз.
Чеҳра афрӯхтану тира  нагаштан, Шайдо,
Ҳусни ин марҳила аз шамъи шабистон омӯз.
83
З-ин гулистон гули рухсори шумо моро бас,
Нафаси ҳамдамии боди сабо моро бас.
Булбуле нолакунон пеши рухи гул мегуфт:
«З-ин чаман айши ҳамин баргу наво моро бас».
Дил агар хастаи он новаки мижгон гардид,
Бӯсае з-он лаби ширин ба шифо моро бас.
Зӯҳду тақво агар аз даст наёяд чӣ кунам,
Гӯшаи майкадаву тарки риё моро бас.
Аз сагони дари ӯ чашми иноят дорам,
Назари лутф зи арбоби вафо моро бас.
Дил,  ба иқболи ҷаҳон меҳр чӣ бандем хатост,
Гӯшаи хонақаҳу ёди Худо моро бас.
Мададе бахти сиёҳ гар накунад бар толеъ,
Оҳи шому саҳару вирду дуо моро бас.
Ишрати кунҷи харобот ҳамин аст, Шайдо,
Ошиқи шеваи риндонаи ӯ моро бас.
84
Эй, ки дорӣ сафари дурударозе дар пеш,

Роҳи пурхавфу хатарноки дарозе дар пеш.
Тӯшаи роҳилае  гир аз ин дашти фано,
Каъбаат дур,   биёбони Ҳиҷозе дар пеш.
Рафтан осон набувад сӯи адам қофиларо,
Ки ба ҳар ком бувад шебу фарозе дар пеш.
Хотиросуда  дар  ин марҳила имрӯз махусб,
Нест фардои ҷазо сӯзу гудозе дар пеш.
Ҳайфи шабҳо  гузарад умри ту дар мастиву ноз,
Хез вақти саҳарӣ  соз намозе дар пеш.
Қатъи тӯлии  амалро ба ҳақиқат пайванд,
Умр кӯтоҳ бувад, умри маҷозе дар пеш.
Гиряи оҳи саҳаргоҳ бувад  тӯшаи роҳ,
Чи саодат ки дари аҷзу ниёзе дар пеш.
Махур аз ишваи мол фиребе Шайдо,
Дорад ин золи фано шеваи нозе дар пеш.

85

Дилбар бирафт,  мо ба дили дарду доғи хеш
Овоз карду рафт дилам дар суроғи хеш.
Бе ёр рӯи ҳар гуле  хорест дар назар
Озурда меравем  тамошои ёри хеш.
Чун ғунча таҳ ба таҳ дили ман хун бастааст,
Аз шабнаме чӣ гуна кунам тар димоғи хеш.
Дурам марав зи дидаам, эй нури чашми ман,
Бе оразат фурӯғ надорад чароғи хеш.
Ҳар ҷо равам ба гирди саре гашта хотирам,
Парвона нест лаҳзае дур аз чароғи хеш.
Шайдо, зи айши ин чамани бебақои гул,
Пур кардаам зи хуни дили худ димоғи хеш.

86

Аз фиғону нолаи ман кӯҳу саҳро дар самоъ,
В-аз ҳуҷуми гиряи ман абру дарё дар самоъ.

Аз дили сӯзони ман оҳе бароянд як шабе,
Осмон дар рақс ояд,  ҳам Масеҳо дар самоъ.
Зоҳиди афсурдадил аз ҳолати мо бехабар,
Ошиқонро ҳаст ин ҷӯши тамошо дар самоъ.
Барқи оҳи ошиқон печад агар шабҳо ба чарх,
Офтобу Моҳ сӯзад,  ҳам сурайё дар самоъ.
Аз ғубори хотири девонагон, Шайдо мапурс,
Гирдбоде мекунад дар домани сахро самоъ.
87
Равшан кунад чароғи дили ошиқон чароғ,
Бошад зи шӯри ишқ бар ин хокдон чароғ.
Файзи дарунхуншудагон гашт равшанам,
Аз доғҳои лолае  гашт бӯстон чароғ.
Дурӣ макун зи сӯҳбати хуршедталъатон,
Аз меҳр барафурӯхт маҳи осмон чароғ.
Бе нури ишқ кори ту равшан намешавад,
Бе меҳри дӯст кори  маҳи осмон чароғ.
Бе файзи касбу кор диле авҷ барнаёфт,
Равшан зи меҳр кард маҳи осмон чароғ.
Шайдо, дилам зи хилвати фонус равшан аст,
Бошад зи рӯи меҳр бар ин дудмон чароғ.
88
Омад баҳору зуд бирафт ин чаман дареғ,
На сабза монд на гулу на ёсуман дареғ.
Ҳар шабнаме, ки чашми тамошо кушуда буд,
Охир ба гиря рафт бурун з-ин чаман дареғ.
Бе доғи сина лолае доғи сафар накард,
Ҳар гул, ки рафт поракунон пираҳан дареғ.
Рӯзе, ки табли кӯч занад мири корвон,
Охир сафар кунанд ҳама з-ин ватан дареғ.
Омад баҳору аҳди гули гулситон гузашт,

Бӯе набурда ҳеч касе з-ин чаман дареғ.
Шайдо, биёву ошиқи парвонаро бубин,
Берун нашуд саломат аз ин анҷуман дареғ.

89

Дар ин муҳити фано ҷумла аз Худо ғофил,
Сафинаҳо ҳама ғарқанд нохудо ғофил.
Ба пои ҳастии мо чун ҳубоби боду ҳавост,
Чу мавҷ аз паи ҳам меравему мо ғофил.
Саре зи пардаи ғафлат бурун намеорӣ,
Саҳар ба хоб ту аз раҳмати Худо ғофил.
Ба рангу бӯи гули ин чаман машав мағрур,
Зи омад-омади боди хазон сабо ғофил.
Суроғи марҳаме, эй дил, ба дарди хеш макун,
Табиб бехабар аз мову ҳам даво ғофил.
Муҳаббат аз дили бегонагон маҷӯ, Шайдо,
Зи меҳру шафқат то гашта ошно ғофил.

90

Дами субҳе, ки чоки сина меҳроби дуо кардам,
Шукуфта ҳосилам шуд ҳамчу гул, то даст во кардам.
Гираҳ чун лола зад аз ашки ҳасрат ин дили зорам,
Ба ранги абр дар домани саҳро гиряҳо кардам.
Нишоти бериёзат з-ин амал ҳосил намегардад,
Ба ранги ғунча хӯрдам хун, то ки уқда во кардам.
Чу фарёди ҷарас беҳуда рафтам бар сари кӯят,
Ба ҳар маҳфил рафтам, шӯру афғоне диро кардам.
Ба саҳрои дилам ҳамчу насиме то гузар кардӣ,
Ба ранги лола доғи ҳасратат бар сина ҷо кардам.
Гузар аз ҷавшани ҷон кард тири нози мижгонат,
Ба бозуи камони абрӯят сад марҳабо кардам.
Бикаш дар саҳфаи девони аъмолам хати афве,
Рақам дар номаам ҳар тоате кардам, хато кардам.

Ба рӯзи ҳашр бархезам шаҳиди ханҷари нозе,
Мазори турбати худро зи хоки Карбало кардам.
Сипар бар сар кашида осмон дар нола шуд Шайдо
Шабе, к-аз ҷаъбаи дил новаки оҳе раҳо кардам.

91

Мо ба савдои ғамаш аз нақди ҷон бигзаштаем,
Нақди ишқи дода, аз ҷон ройгон бигзаштаем.
Бар сари бозори олам ҳар касеро мақсад аст,
Мо ба нақди додааш аз суду зиён бигзаштаем.
Раҳ дарозу бори худро мекунӣ чандон гарон
Мо сабукборон магар аз корвон бигзаштаем.
Булбули шӯридаи ишқи ҷамоли дилбарем,
Бе тамошои рухаш аз гулситон бигзаштаем.
Ғунчасон Шайдо, дар ин гулзор хунҳо хӯрдаем,
Бар даҳон мӯҳри хамӯшӣ аз фиғон бигзаштаем.

92

Ба номат сар баёзи дафтари дил ибтидо кардам,
Зи мижгон рехтам хуни ҷигар, ҳарфе адо кардам.
Ба шӯру нола омад андалебони чаман охир,
Чу гул авроқи девон як дами субҳе, ки во кардам,
Суботи айши барги ин гулистонро надонистам,
Варақҳои дили хун ҳамдами боди сабо кардам.
Кушоди уқдаи хотир ба нохун кай тавон кардан,
Ба сад ширинзабонӣ турраае чун шона во кардам.
Аз ин миҷмар набурдам бӯи уде, сӯхтам Шайдо,
Чу дуди оҳ охир ҳосили худ бар ҳаво кардам.

93

Ҳайф, мо авқоти худро сарфи ботил мекунем,
Оби софи ҷӯи умри хешро гил мекунем.
Омадурафти нафас мавҷест дар мавҷи ҳаёт,
Бехабар аз хеш мо қатъи манозил мекунем.

Корвоне рафт,  бар манзил расиду ҷо гирифт,
Мо чӣ вақт омодаи зоди мароҳил мекунем.
Саъй дорад, ҳар  кӣ рахти хешро парда кашад,
Киштие мо худ дар ин гирдоб моил мекунем.
Киштзори арсаи гетит   тухме коштем,
Мешавад маълум фардо мо чӣ ҳосил мекунем.
То ки бошад бандае мақбули даргоҳи Илоҳ,
Мо ба рағми  хеш худро марди қоил мекунем.
Ҳар кӣ бар мизони тоат мекунад раҳмат умед,
Мо гуноҳи беҳади худро васоил мекунем.
Дар миёни куштагони Карбало рӯзи ҷазо,
Ханҷари нози ту бар гардан ҳамоил мекунем.
Куштаи ишқем, Шайдо,  хунбаҳо хоҳем ҷуст,
Рӯзи маҳшар даст бар домони қотил мекунем.
94
Гаштаам ошиқи шайдо, мани Шайдо чӣ кунам?
Карда расвои ғамат ин дам,  мани расво чӣ кунам.
Бар гулу лолаву насрину суман менигарам,
Ғаразам ёди ту буд, ман аз инҳо чӣ кунам.
Қудрати поки ту эй дӯст тамошо кардам,
В-арна наззораи боғи гули раъно чӣ кунам.
Роҳат аз соири хоки сари кӯят кардам,
Нозболини гулу бистари дебо чӣ кунам?
Дида рухсори туро ошиқи Шайдо мегуфт,
Ман тамошои гулу лолаи саҳро чӣ кунам?
95
То  нома ба он дилбари маҳбуб навиштем,
Рози дили девона ба мактуб навиштем.
Худ ошиқу маъшуқ шуда ҷилвагар омад,
Юсуф писар буд, ки ба Яъқуб навиштем.
Бо хомаи мижгон рақами мардуми дида,

З-ин Толиби дидор ба Матлуб навиштем.
Аз дуди ҷигар хушк шуда хомаи мижгон,
Дар дидаи тар номаи мартуб навиштем.
Чун номаи пурмеҳри гулистони назокат,
Тӯмор ба он гулбасари хуб навиштем.
Чун доғи дили лола ба ҳар барги дили хеш,
Ҳарфе, ки навиштем чӣ марғуб навиштем.
Девонагии машраби мо соз тамошо,
Мактуби муҳаббат ба чӣ услуб навиштем.
Ҳар бахяе бар ҳирқаи мо дӯхта хайёт,
Кирми тани мо буд ба Айюб навиштем.
Шайдо, рақами тоза ба он шоҳи ҷавонон,
З-ин пири фано, бандаи маъюб навиштем.

96

Табибо, гӯшаи чашме фикан бар ҳоли зори ман,
Бинеҳ дасти карам бар набзи ҷони беқарори ман.
Насимо, сунбули зулфаш бияфшон бар сари хокам,
Мабодо хотираш озурда гардад аз ғубори ман.
Худоро, эй сабо, бо ман замоне ҳамраҳӣ мекун,
Бувад бар кӯчабоғи гулрухон афтад гузори ман.
Зи хокам ноз бирӯяд, зи хунам арғувон ҷӯшад,
Мазори куштаи худро тамошо кун, нигори ман.
Зи хоки синаам, Шайдо, гули садбарг меҷӯшад,
Бувад шӯхи қиёматпайкарамро навбаҳори ман.

97

Ҷаҳонеро ба як наззора ғорат метавон кардан,
Ба чашми турки шӯхат ин ишорат метавон кардан.
Масеҳи лаъли ҷонбахшат шифои дардмандон аст,
Ба беморони мижгонат башорат метавон кардан.
Умеди зиндагӣ баъд аз вафоти хеш ҳам дорам,
Мазори куштаи худ ҳам зиёрат метавон кардан.

Зи ташрифи қудумат оламе обод мегардад,
Яке вайронаи худро иморат метавон кардан.
Дилу сабру хирадро дода бар боди парешонӣ,
Ба савдои сари зулфат тиҷорат метавон кардан.
Нигоҳе ошно бар ҷониби Шайдо намесозӣ,
Яке бар гӯшаи чашме ишорат метавон кардан.
98
Рафтану н-омадан бояд зи об омӯхтан,
Хонабардӯшӣ бибояд аз ҳубоб омӯхтан.
Пойи ӯ бӯсидану дар дидаҳо ҷо сохтан,
Ин адабро бояд аз чашми рикоб омӯхтан.
Ташнакоми хушклаб рафтан аз ин дашти фано,
Ин равишро бояд аз мавҷи сароб омӯхтан.
Хун giристан, сӯхтан, бирён шудан дар базми ёр,
Ин адабро бояд аз лахти кабоб омӯхтан.
Синаро нохун задан бо нолаҳои дилхарош,
Ин наворо бояд аз чанги рубоб омӯхтан.
Бо вуҷуди талхкомиҳо ба риндон дилхушӣ,
Бояд ин машраб зи минои шароб омӯхтан.
Зоҳидо, тақлиди зӯҳди тавбаи тақво гузор
Бояд аз пири муғон роҳи савоб омӯхтан.
Аз сари дунё гузаштан кори ҳар номард нест,
Бояд ин ҳимматбаландӣ з-офтоб омӯхтан.
Тарки зӯҳду тақвиву роҳи харобote шудан,
Бояд аз Шайдо чунин тарзи қибоб омӯхтан
99
Ё Раб, ба рӯи мо даре аз лутф боз кун,
Моро ба фазли раҳмати худ сарфароз кун.
Ҳарчанд ҷурму зиллати мо бениҳоят аст,
Беш аст бахшиши ту, аз он имтиёз кун.
Рӯи ниёз ҷуз дари лутфат куҷо барем,

Аз фазли бениҳояти худ сарфароз кун.
Эй дил, биё, биё,   ба сари хони орзу,
Дасти умеди хеш ту ҳама тез боз кун.
Саҳве, ки дар сафҳаи девони мост сабт,
Дар рӯзи гирудори ҳақиқат маҷоз кун.
Шайдо, ба ғайри нолаи зоре ниёз чист,
Бо сӯзу оҳ дар дили шабҳо намоз кун.
100
Эй тозагул, ту зинати гулзори кистӣ?!
Зеби кулоҳгӯшаи дастори кистӣ?!
Ҳаргиз намекунӣ сӯи дилхастагон назар,
Дар Мисри ҳусн гармии бозори кистӣ?!
Ҳайрон дили шикастаи ман аз чӣ мондаӣ
Оинадори талъати дидори кистӣ?!
Гуфтам ба гӯши ғунча гиребон чӣ медарӣ
Марҳамрасони синаи афгори кистӣ?!
Шайдо, ба кӯи ёр парешон нишастаӣ,
Овораи ду наргиси бемори кистӣ?!

***Л У Ғ О Т:***

**Адан** – номи ҷое ва шаҳре дар соҳили ҷанубии Яман, ки бо марвориди аълосифат шӯҳрат ёфтааст.

**Дурри Адан** – дурри холиси хушоб, ки аз Адан меоварданд.

**Алам** – 1.дард, озор, нохушӣ, ранҷ; 2.байрақ, роят, ливо, дирафш

**Аналҳақ** – «Ман ҳақ ҳастам, ман худо ҳастам» (сухани Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ, ки бо иғвоҳои муллоҳо ӯро гӯё барои даъвои худоӣ карданаш, дар соли 922 дар Бағдод ба дор кашида буданд).

**Анқо** – 1.мурғи афсонавӣ, Ки гӯё дар кӯҳи Қоф зиндагӣ мекардааст; 2.маҷ.чизи ноёфт, чизе, Ки номаш ҳасту худаш нест

**Ағниё** – ҷ.ғанӣ

**Арса** – 1.майдон, саҳро; 2.тахтаи шатранҷ; 3.маҷ.арз, муддат

**Ато** – бахшоиш, инъом; маҷ.лутфу эҳсон

**Аҷз** – нотавонӣ, сустӣ, камҷурӣ, беҳолӣ, заъф, оҷизӣ

**Аҳбоб** – ҷ.ҳабиб

**Аммора** – бисёр амрдиҳанда; сахт ҳукмкунанда, амркунанда, фармоянда

**Бараҳман** – 1.ҳаким ва донишманди ҳиндӣ; пир ва муршиди бутпарастон; 2.асилзода ва наҷиби ҳиндувон

**Байъи широ** – хариду фурӯш

**Байтуссанам** - бутхона, буткада, санамхона, нигорхона

**Бисмил** – забҳшуда, сарбурида, кушташуда (Аслан шакли кӯтоҳшудаи бисмиллоҳ аст, ки дар вақти сар задани ҳайвоноти қурбонӣ гуфта мешуд)

**Ваҷд –** 1.бехудӣ аз хурсандӣ, ғояти шавқу шодӣ, завқу шавқ

**Ваҳдат** – 1.ягонагӣ, танҳоӣ, яке будан. 2.эътиқод ба ягонагии Худо

**Вирд –** 1.пай дар пай такрор кардани сухане ё коре. 2.зикр, дуо, дуохонии пай дар пай берун аз намоз

**Вожгун** – сарнагун, сарозер, чаппа, сарнагункардашуда, чаппа кардашуда; 2.мач.носозгор, мухолиф, баръакси муроди инсон, номуборак, шум, наҳс, маннҳус; 3.маҷ.бад, вайрон, хароб, носара

**Воиз** – ваъзгӯянда, панду насиҳаткунанда доир ба масъалаҳои динӣ

**Гавҳар** – 1.марворид, санги қиматбаҳо. 2.фалс.асл, зот, асли ҳар чиз, сиришт. 3.маҷ. нажод, насаб

**Ғурбат – 1.**ғарибӣ, мусофирӣ, ҷудоӣ аз ватан. 2.вафот кардан

**Далв** – 1.зарфи чармини обкашӣ аз чоҳ; сатил; нуҷ.номи бурҷи ёздаҳуми фалак буда, аз ин бурҷ гузаштани Офтоб мутобиқи моҳи январ аст

**Дай** – 1.моҳи даҳуми соли шамсӣ, ки ба 23 декабр – 21 январ рост меояд ва мавсими шиддати сармои зимистон ҳисоб мешавад; 3.маҷ. зимистон, сармо

**Дурд** – 1.таҳшини шароб ва ё дигар чизҳои моеъ, лой; 2.маҷ.шароби тира, шароби нософ

**Дун** – паст, зер, поин, фуруд

**Дайҷур** – торикӣ, сиёҳӣ, торикии шаб

**Дарюза** – 1.гадоӣ, садақаталабӣ, соилӣ; 2.гадо, соил

**Зақан** – маннаҳ, занах, занахдон

**Зай** – ҳаёт, зиндагӣ, ҷон воситаи зиндагӣ

**Иршод** – роҳи рост нишон додан, ҳидоят кардан, раҳнамоӣ кардан, роҳбарӣ кардан; ҳидоят, раҳнамоӣ

Имом – пешво, пешрав, роҳбар

**Исро** – ба шаб роҳ рафтан, сафари шабона

**Идрок** – дарётфан, фаҳм кардан, фаҳмидан, фаҳМиш, ақл шуур, ҳуш

**Итоб** – 1.сарзаниш, маломат, танъна, қаҳр, хашм, ғазаб; 2.ноз кардан, ноз

**Кавн** – вуҷуд, мавҷудият, ҳастӣ, зиндагӣ; 2.олам, дунё, кавну макон-мавҷудот, олами ҳастӣ, олам, ҷаҳон

**Каманд** – 1.арғамчине, ки нӯгаш ҳалқадавак дошта, барои гирифтани сайд ё душман ба кор бурда мешавад, таноб, арғамчин. 2.дом. 3.воҳиди ченак ба дарозии каманд. 4.киноя аз зулфи маҳбуба

**Кудурат** – 1.хирагӣ, тирагӣ. 2.маҷ.дилтангӣ, хафагӣ, ғам, андӯҳ, парешонхотирӣ. 3.маҷ.душманӣ, адоват

**Қибоб** – ҷ.қубба – 1.гунбад, нӯги болоии гунбад, хайма ва ғ. 2.маҷ. боргоҳ, бинои гунбадмонанди гирд, шомёна

**Ливо** – байрақ, алам, раъияти лашкар

**Луҷҷа** – миёнаи дарё, ҷои чуқуртарини дарё ва ё баҳр

**Мамлу** 1.пур кардашуда, оганда, пур. 2.маҷ.тамом, пурра (дар бораи моҳ).

**Маҳмил** – каҷова, ки ба шутур ё асп баста ба дарунаш нишаста сафар мекунанд, ҳавдаҷ

**Мазоқ** – 1.маҳалли қуввати зоиқа, ки ком ва забон аст; 2.қувваи зоиқа, ҳисси таъмгирӣ, чашоӣ; 3.маҷ.табъ, табиат

**Масъуд** – саодатманд, зушбахт

**Масҷуд** – 1.парастиш кардашуда, чизе, ки онро парастиш мекунанд, ҳамчун Худо, бут, оташ ва ғ. 2.маҷ.дӯстдошта

**Маъмура** – ҷой ва замини обод, мамлакатҳои ободон

**Маъмун** – 1.дар амон буда, бе хавфу хатар. 2.номи яке аз халифаҳои Аббосӣ, писари Ҳорунаррашид

**Мистар** – хаткаш, як саҳифа коғази ғафсе, ки ба болояш хатҳои мунтазами барҷаста кашида шудааст, онро зери коғази берах

гузошта зер мекунанд ва дар рӯи саҳифа нақши хатҳо пайдо мешавад

**Мазраъ** – замини корам,ҷои зироат, киштзор

**Мил** – сурмачӯб, милчӯб, чӯби қаламчашакли нӯгборик, ки бо он ба чашм Сурма мемоланд

**Маҷмаъ** – 1.ҷои ҷамъшавии чизе. 2.ҷамъомад, маҷлис, маҳфил

**Мосиво** – ғайри он, ба ҷуз он, дигар аз он

**Мусалсал** – 1.силсилабанд, занҷирбанд; паси ҳам ҳалқа-ҳалқа печутобхӯрда; 2.маҷ.пайваст

**Мустақбал** – 1.оянда, 2. замони оянда

**Мозӣ** – гузашта, пешина

**Нисён** - фаромӯшӣ, фаромӯш кардан, аз хотир баровардан

**Ноқус** – зангӯлаи калисо, зангӯлаи ибодатхонаи насоро

**Раҳн** – гарав, ба гарав мондани чизе

**Раҳил** – 1.кӯч. 2.маҷ.мурдан, вафот кардан

**Раъша** - ларзиш, ҷунбиш дар дасту по ё умуман дар бадани инсон аз пирӣ, беморӣ ё тарс

**Рифъат** - 1.баландӣ, улвият 2.маҷ.бузургӣ, бузургворӣ, ҷоҳу ҷалол

**Роҳила** – маркаб, ҳайвони боркаш ва саворӣ

**Роҳиб** – рӯхонии насронӣ, ки тарки дунё карда, дар дайрҳо машғули ибодат мешавад

**Савмаа** – ибодатгоҳ, ҳуҷра барои ибодат (бештар махсуси рӯхбонони насронӣ)

**Сабҳа // субҳа –** тасбеҳ, донаҳое, ки ба ришта кашида шудаа ва рӯҳониён ададизикр хондани худро ба он мешумуранд

**Самум** – шамоли гамрсери сӯзон, боди бисёр гарм ва зарарнок, ки бештар дар биёбонҳои регзори беобу беалаф воқеъ мешавад

**Саҷҷода –** ҷойнамоз, мусалло

**Самоъ** – шунидан, гӯш кардан. 2.суруд, хониш, мусиқӣ 3.ҳолати шавқу завқ, ваҷд ва ҷазбаи оғоз дарвешон ҳангоми хондани зикр

**Силк** – 1.ришта, ресмони шадаи марворид ва ғ. 2.маҷ.саф, қатор, рада

**Сидра** – 1.дарахти тануманди баланди сӯзанбарги монанд ба коҷ аст ва самғи зиёде, ки аз он ҳосил мешавад, дар тиб ба кор меравад. 2.номи дарахти афсонавӣ, ки гӯё дар биҳишт ва ё дар осмони ҳафтум будааст

**Субот** – 1. устуворӣ, муқовимат, истодагарӣ дар коре; 2.пойдорӣ, барқарорӣ, бардавомӣ

**Сулук** – 1.роҳ рафтан. 2.равиш, рафтор, муомила, одат

**Табоҳӣ // табаҳӣ** – харобӣ, вайронӣ

**Тароз // тироз** – 1.зинат, нақшу нигор; нақшу нигори ҷома; 2.номи як шаҳри қадимист дар ҳудуди Туркистон ва Хитой, Ки бо соҳибҷамолоии аҳолии худ машҳур буд

**Тангно** – 1.ҷои танг, дараи кӯҳ, роҳи миёни ду кӯҳ; 2.маҷ.тангӣ, сахтию фишор

**Тазаррӯъ** – илтиҷо, илтимос бо Хориву зорӣ

**Тавсан** – аспи ҷавони ромшуда, аспи саркаш; 2.маҷ.саркаш, гарданкаш, якрав

**Тоир** – тайркунанда, парранда, мурғ

**Тос –** ташт, лалангд, ҷом, коса

**Фазл –** 1.бартарӣ, афзалият. 2.дониш, илм, маърифат. 3.некӣ, лутфу марҳамат, неккирдорӣ, бахшиш

**Фарас** – 1.асп; 2.яке аз донаҳои шатранҷ

**Фарқадон** – нуҷ.номи яке аз ду ситораест дар галаситораи Дубби Асғар, ки ҳар ду ситора якҷо Фарқадон ё Фарқадайн номида мешавад

**Фағфур** – 1.лақаби подшоҳони қадими Чин. 2.зарфҳои чинӣ, чиниворӣ

**Футӯҳ** - 1.ҷам. фатҳ. 2.кушоиш. маҷ. кушоиши кор, пешрафт ва муваффақият

**Хаффош** – кӯршапарак

**Хилъат** – ҷома, камарбанд ва дасторе, ки амирон ва подшоҳон ба касе мебахшиданд

**Ҳозиқ** – 1.моҳр, некдон, комил, устоди комил дар фанне, махсусан дар соҳаи тиб

**Ҳирс** – орзуи аз ҳад зиёд; ҳарисӣ, тамаъкорӣ

**Ҳазин** – ғамгин, ғуссаомез, ҳасратнок, андӯҳгин

**Шавкат** – 1.қудрат, қувват, ҷоҳу мартаба, бузургворӣ ва ҷалолат, ҳашамат, эътибор. 2.маҷ.ҳайбат

**Шамма** – 1.бӯи андак. 2.маҷ.миқдори кам, андак

**Шаҷар** – дарахт

**Шаҳд** – асал, ангубин

**Шаҳодат** - 1.гувоҳӣ додан. 2.кушта шудан дар роҳи дин. маҷ.бегуноҳ кушта шудан

**Шероза** - тироз, зеҳи зинат, ки дар ҳошияи доман, гиребон ва ғ.дӯхта мешавад. 2.ҷузъбандии китоб ва дафтар, бофти махсуси таҳбанди китоб ва дафтарҳо, зинати ҳошияи саҳифаҳои китоб

**Ҷаъба –** 1.қуттӣ, ҷаъбаи тир, тирдон, тира

**Ҷурм –** гуноҳ, айб

**Яғмо** – 1.тороҷ, ғорат. 2.номи ноҳияе дар Туркистон, ки хубрӯёнаш машҳур будаанд

**Яди байзо** - а)киноя аз дасти мӯъҷизакори Мӯсои пайғамбар, ки гӯё агар дасти худро дар бағал карда берун барорад, мисли офтоб медурахшид; б)киноя аз дасти сафеди ёр; в)равшанӣ, киноя аз офтоб; г)мӯъҷиза, корнома; д) маҳорат, тавоноӣ, қудрат; е) машҳур, маълум, забардаст

**Зери таҳрири доктори илмҳои суханшиносӣ, профессор Абдулманнони Насриддин**

**Муҳаррирон: Шарифҷон Тоҷибоев ва Саидумрон Саидов**

**Муҳаррири техникӣ: Илҳомҷон Исобоев**

**Мусаҳҳеҳ: Мавҷуда Ӯрунова**

**Ҳуруфчин: Ҳабиба Расулова**